Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

№37 (12571)
17 сентябри
соли 2026

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба давлати пешрафта, неруманд ва соҳибэътибори асри XXI табдил диҳем

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

08.09.2026, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!
Ҳозирини гиромӣ!

Имрӯз мо – мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ҷашни муқаддасу сарнавиштсоз – 35-солагии Истиқлоли давлатии худро дар фазои сулҳу оромии сартосарӣ, суботи комили сиёсӣ, ваҳдати пойдори миллӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвари маҳбубамон таҷлил мекунем.

Бо ифтихору сарфарозӣ кулли мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамватанону ҳамзабонони бурунмарзиамонро ба муносибати ин санаи бузурги таърихӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат саломативу хушбахтӣ ва осоишу оромӣ орзу менамоям.

Истиқлол барои ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳу худшинос рамзи олии озодӣ, нишонаи возеҳи соҳибихтиёрӣ ва ҳастии миллати ориёитабори тоҷик, мояи ифтихору сарбаландӣ ва рукни бунёдии давлатдории муосири тоҷикон мебошад.

Ин рӯйдоди бузург барои мо пайғоми адолати таърихӣ, эҳёи анъанаҳои бостонии давлатдорӣ ва оғози бунёди давлати навини миллӣ маҳсуб мешавад.

Сию панҷ соли соҳибистиқлолӣ возеҳан собит сохт, ки тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз дорои хиради азалӣ, иродаи матин ва неруи бузурги созанда мебошанд.

Дар хотираи таърихии миллати тоҷик солҳои нахустини давлатдории навин ҳамчун давраи ниҳоят душвор ва пуртазод нақш бастаанд.

Дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта кишвари мо ба буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ ва гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, хатари нобудии давлат ва пароканда шудани миллат ба воқеияти талхи он рӯзҳо табдил ёфта буд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки қариб панҷ сол идома пайдо кард, боиси ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар фарзандони ин Ватан гардид, садҳо ҳазор шаҳрвандони моро аз хонаву дар маҳрум сохта, ба гурезаҳои иҷборӣ табдил дод ва рушди Тоҷикистонро барои солҳои тӯлонӣ ба таъхир андохт.

Дар он айём садҳо ҳазор нафар мутахассисони беҳтарин кишварро тарк намуданд.

Ин ҷангро бадхоҳони миллати тоҷик дар заминаи манфиатҳои ғаразноки худ ва бо истифода аз афроди ноогоҳу ғофили ҷомеа бар сари миллати мо таҳмил намуданд, ки пайомадҳои он ба раванди давлатсозӣ ва рушди кишвар таъсири зарбаи ҷонкоҳ расонид.

Маҳз дар чунин вазъи ниҳоят ҳассосу сарнавиштсоз, ки масъалаи оянда ва ояндаи миллати тоҷик ва бақои давлати тоҷикон дар миён буд, моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ баргузор гардид.

Зеро дар он рӯзҳо пойтахти давлати тозаистиқлоли мо ба майдони мухолифати шадиди мусаллаҳона табдил ёфта, Конститутсия ва қонунҳо зери по шуда буданд ва ҳеҷ кас амнияти вакилони мардумиро кафолат дода наметавонист.

Ин рӯйдоди таърихӣ, яъне, Иҷлосияи 16-ум барои кишвари дар вартаи нобудӣ қарордоштаи мо нуқтаи гардиши сарнавишт ва оғози бунёди давлати нави миллӣ гардид.

Санаду қарорҳои дар раванди иҷлосия қабулшуда заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсии барқарорсозӣ ва рушди давлатдории навини тоҷиконро фароҳам оварда, роҳи минбаъдаи пешрафти кишварро муайян намуданд.

Ман ҳамчун Раиси навинтихобшудаи Шурои Олӣ ва Сарвари давлат санаи 12-уми декабри соли 1992 ба мардуми шарифи Тоҷикистон расман муроҷиат карда, таъкид намудам, ки сиёсати мо бояд ба самти бунёди давлати нав, яъне, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шавад.

Вақт исбот намуд, ки интихоби чунин низоми давлатдорӣ беҳтарин шакли идоракунӣ буда, самараи онро мо дар тӯли зиёда аз се даҳсола ба хубӣ эҳсос намудем.

Вале хотиррасон месозам, ки дар он рӯзҳои ниҳоят мураккабу ҳассоси ибтидои солҳои 90-ум баъзеҳо дар фикри бунёди давлати коммунистӣ, яъне, нигоҳ доштани сохти давлатдории пешина ва баъзеҳо дар пайи сохтани давлати исломӣ буданд.

Ман дар он рӯзҳои барои кишварамон сарнавиштсоз изҳор дошта будам, ки куҳандиёри мо – Тоҷикистони азиз бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро ёбад ва барои ин, пеш аз ҳама, сулҳу осоиш зарур аст.

Қасам ёд карда будам, ки ман ҳастии худро ба ин миллату ин Ватан мебахшам, ба шумо сулҳ меорам, тамоми донишу таҷрибаамро барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сулҳу субот дар кишвар ва амну осоиш дар ҳар як хонадон равона карда, барои пешрафту ободии Ватани азизам содиқона хизмат мекунам.

Зеро ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар доштам.

Имрӯз бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорам, ки бо такя ба хиради миллӣ ва дастгирии бевоситаи мардуми шарифи Тоҷикистон мо аз имтиҳони сахту сангини тақдир бо эҳсоси баланди масъулият дар назди таърих ва ояндаи халқамон гузаштем.

Як муваффақияти бузурги мо дар он айёми фоҷиабор ин аст, ки оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш кардем, беш аз як миллион нафар ҳамватанони ба кишварҳои гуногун парешонгардидаро ба Ватан баргардонидем ва ваҳдати миллиро таъмин намудем.

Ин таҷриба аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун падидаи нодири сулҳофарӣ эътироф гардида, имрӯз низ таҷассуми иродаи қавӣ, масъулияти баланди миллӣ ва ваҳдати мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Яъне, мо тавонистем, ки сарҷамъу муттаҳид шавем ва даст ба дасти ҳам дода, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро дар кишварамон барқарор созем!

Давлати ҷавони тоҷиконро аз гирдоби нобудӣ ва миллати тоҷикро аз хатари пароканда гашт бахшем!

Асосҳои устувори пешрафти давлат ва рушди ҷомеаро поягузорӣ намоем!

Ва ба ҷаҳониён исбот кунем, ки миллати тоҷик қодир аст бо ақлу хирад ва сабру таҳаммул сарнавишти худро мустақилона муайян созад.

Имрӯз шукрона мекунам, ки ба шумо – мардуми азизу заҳматқаринам такя кардам, шумо сиёсати пешгириф-

(Давомаш дар саҳ. 2)

Нигаҳ кун бад-он гардиши рӯзгор,
Ҷуз ӯро макун ҳеҷ омӯзгор!
Абулқосими Фирдавсӣ

КАЛОМИ ПЕШВО

ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛРО БА ДАВЛАТИ ПЕШРАФТА, НЕРУМАНД ВА СОҲИБЭЪТИБОРИ АСРИ XXI ТАБДИЛ ДИҲЕМ

(Аввалаш дар саҳ. 1)

таи маро пуштибонӣ кардед ва мову шумо, бо вуҷуди тамоми мушкилоти вазнини он замон, ба ин рӯзи босаодат расидем!

Ҳозирини арҷманд!

Тамоми дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва пешрафти устувори Тоҷикистон аз Истиқлоли давлатӣ ва Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ сарчашма мегиранд.

Маҳз дар ҳамин иҷлосия нахустин рамзи давлатдории тоҷикон – Парчами миллӣ қабул гардида, замина барои таҳия ва тасдиқи дигар рамзҳои давлатӣ ва муҳимтар аз ҳама, Конститутсияи Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сохторҳои идоракунии давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурра фалаҷ гардида буданд.

Бинобар ин, яке аз масъалаҳои муҳимтарину сарнавиштсози он айём барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъсиси сохторҳои низомӣ ва таъмин намудани волоияти қонун буд.

Зеро риояи дақиқи қонун, баробарии ҳама дар назди он ва масъулияти шаҳрвандӣ на танҳо заминаи сулҳу оромӣ ва тартибу низом дар ҷомеа, балки асоси давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

Соҳибистиқлолӣ тақозо менамуд, ки дар кишвар ислоҳоти бунёдии конститутсионӣ амалӣ карда, санади олии ҳуқуқие қабул гардад, ки дар он ҳадафу ормонҳои миллӣ, асосҳои давлатдорӣ ва низоми сиёсии мамлакат муайян карда шаванд.

Шашуми ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид.

Дар миёни собиқ ҷумҳуриҳои Шуравӣ Тоҷикистон яке аз нахустин кишварҳое буд, ки Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худро бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуд.

Ин санади сарнавиштсоз пояҳои давлатдории муосир, муқаддасоту арзишҳои миллӣ ва самтҳои асосии рушди Тоҷикистонро муайян намуда, барои ташаккули сохтори мукаммали идораи давлатӣ заминаи устувори ҳуқуқиро фароҳам овард.

Дар баробари таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии давлатдорӣ, барои мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ масъалаи ҳифзи истиқлол, амнияти миллӣ ва тамомияти арзии кишвар аҳаммияти сарнавиштсоз дошт.

Бинобар ин, мо Қувваҳои Мусаллаҳ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро, ки аз ҷумлаи аркони бунёдии давлатдорӣ мебошанд, дар шароити бисёр мураккаб ва амалан аз сифр таъсису ташаккул додем.

Ин иқдоми тақдирсоз барои ҳифзи соҳибистиқлолӣ, тамомияти арзии кишвар, таъмин намудани амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа заминаи боэътимод гузошт.

Ҳоло Қувваҳои Мусаллаҳи мо, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун сипари боэътимоди давлату миллат вазифаи муқаддаси худро бо масъулияти баланд иҷро намуда, ҳифзи марзу бум, истиқлолу озодӣ, амнияти миллӣ ва зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистонро таъмин карда истодаанд.



Ҳамватанони азиз!

Мехоҳам боз як лаҳзаи ҳассосро хотиррасон созам: Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароите арзи вуҷуд намуд, ки иқтисодиёту истеҳсолот ба бухрони амиқ гирифтор гардида, зиндагии мардум дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошт.

Дар чор-панҷ соли аввали соҳибистиқлолӣ мардуми кишвар на маошу нафақа, балки танҳо нон мепурсиданд ва дар фикри зинда мондан буданд.

Бо вуҷуди ҳамаи мушкилоту маҳрумиятҳои он давра, мо дар як муддати кӯтоҳ кишварро ба роҳи пешрафту созандагӣ баровардем.

Иқдомоти амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар он шароити мураккаб имкон доданд, ки кишвар аз оғози даҳаи дуюми соҳибистиқлолӣ ба роҳи пешрафти устувор қадам гузорад.

Ҳанӯз дар марҳалаи аввали давлатдории навин мо гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва бунёди иқтисоди рақобатнокро ҳамчун шарти муҳимми рушди иқтисодӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ муайян намудем.

Дар ин замина, низоми идоракунии давлатӣ такмил дода, дигаргунсозиҳои сохторӣ амалӣ карда шуданд ва барои шаклҳои гуногуни моликият, рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин раванд, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат ҳамчун ҳадафҳои стратегии миллӣ муайян гардиданд.

Дар 25 соли охир, яъне, баъд аз бартараф кардани ҳисороти ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ рушди миёнаи солонаи иқтисоди миллӣ беш аз 7,7 фоизро ташкил дода, ҳоло Тоҷикистон дар сафи кишварҳои босуръат тараққикунанда қарор гирифтааст.

Маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000 ба 177 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расида, қариб 100 баробар афзоиш ёфт.

Даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000 ба 65 миллиард сомонӣ дар соли 2026 расида, беш аз 250 баробар зиёд гардид.

Муҳимтар аз ҳама, имкониятҳои молиявии бадастомада ба рушди неруи инсонӣ, аз ҷумла, маорифу тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум равона карда шуданд.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёда аз 205 миллиард сомониро ташкил намуд.

Аз ҷумла, дар 25 соли охир ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф 329 баробар, тандурустӣ 300 ва бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ беш аз 260 баробар афзоиш ёфт.

Дар ҳамин давра музди миёнаи меҳнат 178 баробар ва нафақа 126 баробар зиёд гардида, имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ ба таври назаррас беҳтар шуданд.

Дар ин муддат барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ зиёда аз 4 миллиону 300 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд.

Даромади аҳолӣ ба 165 миллиард сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2000-ум 165 баробар афзоиш ёфт.

Ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкӣ ба 38 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба соли 2000-ум 410 баробар зиёд шуд.

Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоиз то 19 фоиз коҳиш ёфта, нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ ба 77 сол расид, яъне, ҳафт сол бештар гардид.

Шумораи аҳолии кишвар ду баробар афзоиш ёфт ва то охири соли ҷорӣ ба 11 миллион нафар мерасад.

Тавассути ба муомилот баровардани пули миллии сомонӣ ва ташаккули низоми муосири молиявию бонкӣ устувории молиявии кишвар таъмин карда шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ва имкониятҳои сармоягузорӣ ба таври бесобиқа афзоиш ёфта, барои рушди соҳибкорӣ ва истеҳсолоти миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар 25 соли охир барои дастгирии иқтисоди миллӣ зиёда аз 214 миллиард сомонӣ қарз ҷудо гардид.

Ин дастовардҳо бори дигар собит месозанд, ки бахши молиявӣ ба яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст.

Ҷанде пеш агентии бонуфузи ҷаҳонии «Эс Пи Глобал Рейтингс» рейтинги қарзии Тоҷикистонро аз сатҳи «Би» ба «Би плюс» баланд бардошта, дурнамои онро «устувор» арзёбӣ намуд, ки ин яке аз далелҳои эътирофи байналмилалии дастовардҳои мо мебошад.

Дар айни замон, ин эътирофи рушди босуботи иқтисоди кишвар, афзоиши даромади аҳолӣ, устувории пули миллӣ ва боло рафтани эътимоди байналмилалӣ ба иқтисоди миллии мо ба ҳисоб меравад.

Таъмин гардидани устувории макроиқтисодӣ ва муҳити мусоиди сармоягузорӣ имкон дод, ки дар 25 соли охир ба иқтисоди кишвар 760 миллиард сомонӣ сармоя, аз ҷумла 337 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона карда шавад.

Ин маблағҳо барои амалисозии ҳазорҳо лоиҳаи рушди зерсохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, аз ҷумла, роҳу нақлиёт, энергетика, маорифу тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим равона гардиданд.

Дар ин давра бахши хусусӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфта, ҳоло беш аз 70 фоизи ҷойҳои кориро таъмин карда истодааст.

Соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатпешаи мамлакат дар корҳои ободониву созандагӣ саҳми арзишманд гузошта, ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар бунёду навсозии зиёда аз 36 ҳазор иншооти ҷашнӣ фаъолона иштирок намуданд.

Ба ифтихори ин ҷашни бузург аз ҷониби онҳо беш аз 1200 корхонаву коргоҳи саноатӣ, зиёда аз 3100 иншооти соҳаи маориф, 1050 иншооти тандурустӣ, 960 майдончаи варзиш ва 2275 иншооти хизматрасонӣ бунёд ва ба истифода дода шуд.

Илова бар ин, бо саҳми онҳо 10 ҳазору 170 километр роҳҳои маҳаллӣ азнавсозӣ гардида, 273 пул бунёд ва ба истифода дода шуд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби соҳибкорону шахсони саховатпешаи кишвар зиёда аз 3300 корхонаву коргоҳи саноатӣ, беш аз 4300 иншооти соҳаи маориф, 2200 иншооти тандурустӣ, 2080 майдончаи варзиш ва 5100 иншооти хизматрасонӣ бунёду навсозӣ ва ба истифода дода шудааст.

Бо саҳми онҳо 15 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ азнавсозӣ, 734 пул бунёд гардидааст.

Бо истифода аз фурсат, ба кулли шаҳрвандони кишвар, соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпеша барои саҳми арзандаашон дар ободонии Ватани азизамон миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ҳозирини арҷманд!

Татбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръат ба рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшида, онро ба яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ табдил дод.

Агар соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта бошад, ҳоло шумораи онҳо аз 4 ҳазор гузашта, беш аз 11 баробар зиёд гардидааст.

То охири сол дар кишвар таъсиси боз 500 корхонаву коргоҳи саноатӣ пешбинӣ шудааст.

Дар 25 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 4,1 миллиард сомонии соли 2000 ба 66,4 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расида, 16 баробар афзоиш ёфт.

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 85 номгӯйи маҳсулоти саноатӣ истеҳсол мешуд.

Ҳоло ин нишондиҳанда аз 1400 гузашта, беш аз 16 баробар зиёд гардидааст.

Дар баробари рушди бомароми соҳаҳои истихроҷу коркарди маъдан, металлургия, мошинсозӣ, кимиё, хӯрокворӣ, саноати сабук ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон як қатор самтҳои нави истеҳсолӣ низ ташаккул ёфтанд.

Аз ҷумла, истеҳсоли консентрати сурб, руҳ, сурма ва мис, металлҳои алоҳида, доруворӣ, техникаи кишоварзӣ, воситаҳои нақлиёт, техникаи маишӣ,

(Давомаш дар саҳ. 3)

Беш аз 200 нафар ба даври ниҳоии озмуни «Донандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат» роҳхат гирифтанд.

(Аввалаш дар саҳ. 2)

маҳсулоти кабелӣ ва масолеҳи нави сохтмон ба роҳ монда шуд.

Қобили зикри махсус аст, ки дар замони истиқлол дар кишвар бори аввал истеҳсолу содироти мис ба роҳ монда шуда, аз соли оянда истеҳсоли охан низ оғоз мегардад.

Танҳо дар даҳ соли охир ба маблағи 163 миллиард сомонӣ маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол шудааст.

Аз натиҷаҳои зикршуда бармеояд, ки Тоҷикистон тавассути саноатикунонии босуръат ба кишвари истеҳсолкунанда ва содироткунандаи маҳсулоти саноатии рақобатнок табдил ёфта истодааст.

Рушди саноат, дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум аз таъминоти боэътимоди неруи барқ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ рушди энергетика ва истифодаи самараноки захираҳои бузурги гидроэнергетикии кишварро, ки боигарии асосии миллии мо мебошад, яке аз афзалиятҳои стратегии давлат муайян намудем.

Дар даврони истиқлол барои рушди соҳаи энергетика 36 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 30 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи 20 лоиҳаи дигар ба маблағи 23 миллиард сомонӣ идома дорад.

Бо бунёди хатти баландшиддати «Ҷануб – Шимол» ва зеристгоҳҳои пуриқтидор тамоми қаламрави мамлакат ба як шабакаи воҳиди энергетикӣ муттаҳид карда шуд.

Дар ин давра 300 неругоҳи хурду бузурги барқи обӣ, Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе – 2» ва неругоҳҳои офтобӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Аз ҷумла, неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда – 1» ва «Сангтӯда – 2» мутаносибан ба маблағи 8,5 миллиард ва 3,2 миллиард сомонӣ бунёд гардиданд.

Дар натиҷа беш аз 2300 мегаватт иқтидори нави энергетикӣ ба кор андохта, иқтидори умумии энергетикии мамлакат ба 6700 мегаватт расид.

Дар баробари бунёди иқтидорҳои нав, таҷдиду навсозии ҳамаи неругоҳҳои барқи обии амалкунанда зина ба зина ба роҳ монда шуд.

Неругоҳи барқи обии «Қайроққум» ба маблағи беш аз 2 миллиард сомонӣ пурра таҷдид гардида, корҳои таҷдиди пурраи неругоҳи «Норак» дар ду марҳала ба маблағи 6,6 миллиард сомонӣ ва неругоҳи «Сарбанд» ба маблағи 1,5 миллиард сомонӣ идома доранд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бунёди неругоҳҳои нав – «Сангтӯда – 1», «Сангтӯда – 2» ва «Маркази барқу гармидиҳии Душанбе», инчунин, таҷдиди неругоҳҳои мавҷуда беш аз 22 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Ба мақсади тақвияти «энергетикаи сабз» ва гуногунсозии манбаъҳои тавлиди неруи барқ, ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияҳои Ашт ва Ҷайҳун ду неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт то моҳи ноябри соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад.

Дар миёни иншооти энергетикии даврони истиқлол неругоҳи барқи обии «Роғун» ҳамчун лоиҳаи калидии энергетикии мамлакат ҷойгоҳи махсуси таърихӣ дорад.

Итминони комил дорам, ки бо идомаи бомароми сохтмони неругоҳ ва ба истифода додани агрегати сеюми он соли 2027 Тоҷикистон ба ҳадафи пурра бо неруи барқ таъмин кардани аҳолӣ ва иқтисоди миллӣ, яъне истиқлоли энергетикӣ ноил мегардад.

Ҳамзамон бо ин, мо тасмим гирифтаем, ки бо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва татбиқи технологияҳои «сабз» то соли 2037 Тоҷикистонро пурра ба кишвари «сабз» табдил диҳем.

Дар баробари истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ низ яке аз ҳадафҳои стратегии миллии мо мебошад.

Ислоҳоти амиқи аграрӣ ва дастгирии пайвастаи давлат ба рушди соҳаи кишоварзӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба аҳолии мамлакат 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла, 75 ҳазор гектари он дар солҳои 1995-1997, ки миёни мардум ҳамчун «заминҳои президентӣ» маъруфанд, ҷудо карда шуд.

Ин иқдоми саривақтӣ дар солҳои душвори гузариш дар рафъи хатари гуруснагӣ ва таъмин кардани аҳолӣ бо озуқаворӣ нақши ҳалкунанда бозида, ба ташаккули хоҷагидорони мустақил, беҳтар гардидани шароити зиндагӣ ва соҳиби манзил шудани миллионҳо нафар мусоидат намуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба беш аз 1,4 миллион оила барои бунёди манзили истиқоматӣ замин ҷудо карда шуд.

Яъне, қариб 9 миллион нафар шаҳрвандони мо имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Дар 25 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 122 баробар афзоиш ёфта, соли 2025 ба 85 миллиард сомонӣ расид.

Дар ин давра истеҳсоли ғалла 6 баробар, картошка 12, сабзавот 11 ва мева 48 баробар зиёд гардид.

Имрӯз сатҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ беш аз 85 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳоло маҳсулоти кишоварзии мо ба зиёда аз 30 кишвари ҷаҳон содирот карда мешавад.

Ин дастовардҳо натиҷаи сиёсати пайгиронаи давлат ва заҳмати софдилонаи кишоварзони шарафманди мамлакат мебошанд.

Бо истифода аз фурсат, ба деҳқонону хоҷагидорон ва ҳамаи кормандони соҳаи кишоварзӣ барои заҳмати содиқонаашон дар таъмини амнияти озуқавории кишвар ва фаровонии дастархони мардум миннатдории самимӣ баён менамоям.

Дар роҳи расидан ба ҳадафи дигари стратегӣ – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон низ пешрафти назаррас таъмин гардид.

Бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги роҳсозӣ нахустин бор дар таърихи давлатдории тоҷикон шабакаи ягонаи нақлиётии кишвар ташаккул ёфта, Тоҷикистон, ки се минтақаи он ҳар сол зиёда аз шаш моҳ аз ҳамдигар ҷудо мемонд, яъне аз кишвари сепорча ба як қаламрави воҳид табдил дода шуд.

Тайи даврони истиқлол дар соҳаи роҳу нақлиёт ба маблағи 30 миллиард сомонӣ 63 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардид.

Дар натиҷа 3200 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва чумҳуриявӣ, 254 пул, 43 километр нақби нақлиётӣ ва дигар иншооти мураккаби роҳсозӣ бунёд гардиданд.

Инчунин, 220 километр роҳи оҳан бо зерсохтори зарурӣ бунёд ва ба истифода дода шуд, ки иқтидори транзитии кишварро тақвият бахшид.

Бо вуҷуди дастовардҳои зикршуда, таҳаввулоти босуръати ҷаҳон тақозо менамояд, ки тавассути рақамикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ рақобатнокии иқтисоди миллӣ боз ҳам тақвият дода шавад.

Дар ин замина, Тоҷикистон истифодаи технологияҳои му-



осир ва зеҳни сунъиро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуда, рақамикунонии идоракунии давлатӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, низоми молиявӣ ва фаъолияти соҳибкориро вусъат бахшида истодааст.

Бо пешниҳоди Тоҷикистон қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» саҳми кишвари мо дар пешбурди ин масъалаи мубрами рӯз мебошад.

Ин иқдом ва фаъолияти марказҳои инноватсионии ватанӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар оянда ба яке аз қутбҳои муҳимми таҳия ва татбиқи технологияҳои пешрафтаи минтақа табдил ёбад.

Ҳадафи мо аз рақамикунонӣ на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои нав, балки ташаккули иқтисоди ба дониш асосёфта, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди сармояи инсонӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави пешрафт барои ҳар як шаҳрванд мебошад.

Ин марҳалаи нави рушди Тоҷикистон хоҳад буд, ки дар он донишу маърифат, навоварию ихтироъкорӣ ва неруи зеҳнии инсон дар баробари захираҳои табиӣ сарвати асосии давлат ба ҳисоб мераванд.

Ҳамватанони азиз!

Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ хуб дарк мекардем, ки ояндаи давлат ва миллат, пеш аз ҳама, ба сатҳи дониш, маърифат ва ҷаҳонбинии наслҳои нав вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, рушди маориф ва тарбияи кадрҳои соҳибилму соҳибкасб яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян карда шуд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 3229 дар соли 1991 ба 4135 дар соли 2026 расид ва ҳамзамон бо ин, биноҳои аксари мактабҳо азнавсозӣ гардиданд.

Дар маҷмуъ, тайи 35 соли соҳибистиқлолӣ барои 1,8 миллион нафар хонанда ба маблағи умумии 8,4 миллиард сомонӣ муассисаҳои таълимии замонавӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Теъдоди умумии хонандагон имрӯз ба 2 миллиону 462 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 1991 ду баробар зиёд мебошад.

Имрӯз дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 66 ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ 86 муассисаи таълимӣ фаъолият дошта, дар онҳо аз рӯйи 340 касб мутахассис омода карда мешавад.

Агар соли 1992 дар кишвар 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 70 ҳазору 600 нафар донишҷӯ фаъолият дошта бошад, ин рақамҳо дар соли 2026 мутаносибан ба 51 ва 226 ҳазор расидаанд.

Ҳоло зиёда аз 41 ҳазор нафар ҷавонони соҳибистеъдоди мо дар хориҷи кишвар таҳсили илм доранд ва ҳар сол беш аз 6 ҳазор нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои пешрафта фиристода мешаванд.

Аз оғози замони соҳибистиқлолӣ рушди илми тоҷик низ зери таваҷҷуҳи доимии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дода шуд.

Имрӯз иқтидори илмии кишвар пайваста тақвият ёфта, олимони тоҷик дар рушди илмҳои бунёдӣ ва амалӣ, татбиқи навовариҳо ва ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодии мамлакат саҳми арзишманд мегузоранд.

Ҳоло дар кишвар 7 ҳазор нафар олимони соҳиби унвони илмӣ фаъолият доранд.

Мо минбаъд низ барои рушди соҳаи илму маориф тамоми тадбирҳои заруриро меандешем, то фарзандонамон ва умуман мардуми Тоҷикистон босаводу соҳибмаърифат, дорои ҷаҳонбинии нав ва соҳиби касбу ҳунарҳои замонавӣ бошанд.

Зеро ҷомеае, ки афроди он аз саводу маърифат ва илму дониш бебаҳра мемонанд, ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва ҷаҳолату бесаводӣ, тавре ки борҳо таъкид намудаам, монеаи рушди ҷомеа гардида, онро ба вартаи ҳалокат меафканад.

Фаромӯш набояд кард, ки рушду тараққиёти давлат, хусусан, дар замони пешрафти бесобиқаи илму технологияҳо, рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ аз сатҳи донишу маърифати миллат вобаста мебошад.

Агар илму маориф пояи маънавию зеҳнии пешрафти давлат бошад, тандурустӣ кафили солимии миллат ва неруи созандаи ҷомеа мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ рушди соҳаи тандурустӣ низ зери таваҷҷуҳи доимии давлат қарор дошт.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ яке аз мушкилоти муҳимтарини соҳаи тандурустии кишвар тарки Ватан кардани беш аз 70 фоизи кадрҳои баландихтисоси тиббӣ буд, ки соҳаро ба буҳрони ҷиддии норасоии мутахассисон рӯ ба рӯ сохт.

Дар чунин шароити душвор Ҳукумати мамлакат тамоми имкониятҳоро барои ҳифзи саломатии мардум, нигоҳ доштани иқтидори кадрии соҳа ва тадриҷан барқарор намудани низоми тандурустӣ сафарбар намуд.

Дар зарфи 35 соли соҳибистиқлолӣ дар дохил ва хориҷи кишвар беш аз 40 ҳазор нафар табибон ва 228 ҳазор нафар кормандони миёнаи тиббӣ омода карда шуда, 3 ҳазору 111 муассисаи нави тандурустӣ бунёд гардид.

Тақвияти заминаи моддиву техникии муассисаҳои тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон ба беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ мусоидат намуд ва имкониятҳои ташхису табобат дар дохили кишвар бамаротиб васеъ гардиданд.

Дӯстони азиз!

Истиқлоли давлатӣ ба марҳалаи нави эҳё, ҳифз ва муаррифии арзишҳои милливу фарҳангии мардуми куҳанбунёди тоҷик оғоз бахшид.

Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати мамлакат ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар кишвар 446 иншооти соҳаи фарҳанг бунёду таҷдид ва ба истифода дода шуданд.

Бинои муосири Театри миллӣ, ки чорабинии тантанавии имрӯзаи мо дар он баргузор шуда истодааст, бузургтарин иншооти фарҳангии даврони соҳибистиқлолӣ ва туҳфаи арзандаи ҷашнӣ ба аҳли фарҳангу ҳунар ва кулли мардуми Тоҷикистон мебошад.

Бо истифода аз фурсат, ба муҳандисону меъморону сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёду ороиши ин иншооти муҳимми фарҳангӣ саҳм гузоштанд, барои заҳмати со-

(Давомаш дар саҳ. 4)

Ба шогирдӣ ҳар он, к-ӯ шод гардад,
Бувад рӯзе, ки худ устод гардад.
Носири Хусрав

РОҲНАМО

(Аввалаш дар саҳ. 3)

диқонаашон сипосу миннатдории самимӣ баён менамоям.

Ҳанӯз дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҳамкории самаранокро бо ЮНЕСКО ба роҳ монд.

То соли 2026-ум 24 ёдгории таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии ҷаҳонии ЮНЕСКО ва 13 унсури фарҳанги мероси ғайриморддии тоҷикон дар ин созмон сабт гардид.

Бо пешниҳоди Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири арҷгузорӣ ба ахтарони ҷаҳоншумули илму адаби тоҷик ва нақши осори таърихии кишвари мо дар ташаккули тамаддуни умумибашарӣ таҳти сарпарастии ЮНЕСКО 16 ҷашнвораву солгард баргузор гардид.

Ин дастовардҳо на танҳо ғановати фарҳанги миллии мо, балки фазои созандаи иҷтимоиро низ инъикос мекунанд, ки танҳо дар муҳити сулҳу оромӣ ва рушди босубот имконпазир аст.

Дар ин давра шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чоп ва ба ҳар як оилаи кишвар ройгон тақсим карда шуд.

Мо хуб дарк мекунем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи арзишҳои миллӣ, пеш аз ҳама, забону фарҳанг, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳо кафили пойдории давлати тоҷикон ва асолати тоҷикии мо дар асри пуртазоду пурмоҷарои XXI мебошад.

Аз ин рӯ, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, мероси таърихиву маънавӣ ва арзишҳои асили тоҷикона минбаъд низ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеаи мо боқӣ хоҳанд монд.

Ҳамватанони гиромӣ!

Имрӯз занону бонувон ва ҷавонони тоҷик дар ҳама самтҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа фаъолона иштирок доранд ва дар рушди соҳаҳои мухталифи кишвар нақши назаррас доранд.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳазорон нафар занону духтарони соҳибмаърифат ҳамчун роҳбару сиёсатмадор, олиму омӯзгор, табибу соҳибкор ва кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои дигар ба камол расида, дар пешрафти кишвар саҳми шоиста гузошта истодаанд.

Мо саҳми арзишманди модарону бонувони мамлакатро дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва пешрафти давлат ҳамеша қадр менамоем.

Имрӯз бонувону занон дар соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ – маориф 73 фоиз ва тандурустӣ 72 фоизи кормандонро ташкил медиҳанд.

Мо бо ҷавонони бонангу номуси Тоҷикистон ва дастоварду пешравиҳои онҳо ифтихор мекунем, аз онҳо, ки фарзандони даврони истиқлолу озодии кишварамон мебошанд, умеди зиёд дорем ва барои амалӣ гардидани ташаббусҳои созандаашон минбаъд низ тамоми шароиту имкониятҳои заруриро фароҳам месозем.

Ҳозирини гиромӣ!

Қобили зикр аст, ки анъанаҳои давлатдории тоҷикон аз умқи таърих сарчашма гирифта, бо номи шахсиятҳои бузурги ориёитабор пайванди ногусастанӣ доранд.

Куруши Кабир ҳамчун рамзи адолатпарварӣ, таҳаммулгароӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон дар таърихи башарият мақоми хос дорад.

Шашуми ноябри соли 2025 бо ташаббуси Тоҷикистон дар иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии ЮНЕСКО қатънома таҳти унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ» қабул гардид.

Тоҷикистон тайи 35 соли истиқлол сиёсати хориҷии мутавозин, мусолиматомез ва созандаро пеш гирифта, бар пояи усули «дарҳои кушода» соҳиби мақоми шоиста дар арсаи ҷаҳонӣ гардид.

Имрӯз Тоҷикистон аз ҷониби 192 давлати ҷаҳон эътироф гардида, бо 186 кишвар робитаҳои устувори дипломатӣ дорад.

Мо бо аксари ин кишварҳо муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро дар ҳамаи соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн пеш бурда, бо як қатор давлатҳои дӯсту ҳамҷавор сатҳи робитаҳои худро то зинаи шарикии стратегӣ боло бардоштем.

Ҳамзамон бо ин, узвияти фаъолонаи Тоҷикистон дар даҳҳо созмони бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ имкон фароҳам овард, ки давлати мо дар ҳаллу фасли масоили мубрами глобалӣ, аз ҷумла, обу иқлим, амният ва сулҳ ҳамчун иштироқдори калидӣ ва кишвари созанда муаррифӣ гардад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 20 қатънома қабул карда шуд, ки ҳоло мавриди татбиқ қарор доранд.

Чанде пеш бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» боз як тасдиқи саҳму талошҳои сулҳофарӣ ва ваҳдатпарварии давлати тоҷикон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ мебошад.

Қабули ин ва дигар қатъномаҳо гувоҳи эътироф ва аҳаммияти ҷаҳонӣ касб кардани ташаббусҳои кишвари мо оид ба масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ, бахусус, дар соҳаи обу иқлим ва сулҳ аз сӯйи ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамзистии осоиштаи мардумони ҷаҳон ва муносибатҳои дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя мебошад.

Дар ин замина, ҳамкориҳои густурдаи минтақавӣ ба хотири таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ ба сифати муҳимтарин самти сиёсати хориҷии давлати мо эътироф шудаанд.

Моҳи марти соли гузашта ду санади таърихӣ – шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ ба имзо расиданд, ки аз дастовардҳои таърихии даврони соҳибистиқлолӣ дар раванди ҳалли мусолиматомези масъалаҳои сарҳадӣ миёни кишварҳои мо мебошанд.

Ҷаҳони муосир ҳоло ба марҳалаи нави таҳаввулоти геополитикӣ, иқтисодӣ ва технологӣ ворид гардидааст.

Дар чунин шароит мо ҷонибдори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ танҳо бо роҳҳои сиёсиву дипломатӣ ва ташаккули ҷаҳоне ҳастем, ки дар он ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи давлатҳо эҳтиром карда мешаванд.

Тоҷикистон фаъолияти худро ҳамчун давлати ташаббускор дар масъалаҳои обу иқлим, «энергетикаи сабз», амнияти озуқаворӣ, сулҳ ва рушди устувор минбаъд низ густариш медиҳад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки Тоҷикистон дар ин давраи аз нигоҳи таърих начандон тӯлонӣ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, обрӯ ва эътибори хешро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшид ва имрӯз дар доираи манфиатҳои милливу давлатии худ ҳамкории гуногунҷанбаро бо аксари давлатҳои ҷаҳон пеш мебарад.

Дӯстони азиз!

Бунёдкорӣ ва ободонии саросари кишвар яке аз дастовардҳои барҷастаи даврони истиқлол мебошад.

Имрӯз симои ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба куллӣ дигаргун гардида, Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба рушд ва созанда эътироф шудааст.

Дар солҳои истиқлол дар кишвари мо даҳҳо ҳазор иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ бунёд гардиданд, ки ба ҳалли бисёр масъалаву мушкилоти мардум ва зина ба зина беҳтар шудани шароити зиндагии онҳо мусоидат карда истодаанд.

Ин ҳама пешрафту ободӣ самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон мебошад!

Мардуми Тоҷикистон дар муддати 35 сол, бо вуҷуди мушкилоти зиёд, ба хотири ободии сарзамини аҷдодии хеш содиқона заҳмат кашиданд.

Дар ин лаҳзаҳои таърихӣ ман дар назди мардуми соҳибфарҳангу тамаддунсоз, озодидӯсту ватанпараст, бонангу номус, босабру таҳаммул, бунёдкору созанда, заҳматкашу қавиирода ва қаҳрамони тоҷик сари таъзим фуруд меоварам!



Ҳамчунин, аз ҳамаи онҳое, ки дар давраи вазнини давлатсозӣ бо Роҳбари давлат содиқона ҳамкорӣ карданд, яъне, вакилони мардумӣ, аъзои Ҳукумат, роҳбарони кумитаву идораҳо ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ миннатдорам ва ба онҳо саломатӣ, камоли умр ва давлати пирӣ орзумандам!

Ҳамватанони азиз!

35 соли Истиқлоли давлатӣ на танҳо як давраи сипаришудаи таърих, балки оғози марҳалаи нави масъулияти миллӣ мебошад.

Ояндаи Тоҷикистон аз он вобаста хоҳад буд, ки мо то чӣ андоза метавонем дастовардҳои давлатсозии сеюним даҳсолаи гузаштаамонро ба сармояи рушди минбаъда табдил диҳем, то чӣ андоза метавонем соҳибихтиёрии давлатро бо рушди иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ, таҳкими ниҳодҳо, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва иштироки фаъоли кишвар дар равандҳои байналмилалӣ пайваст намоем.

Зеро истиқлол арзиши як насл нест. Истиқлол масъулияти пайвастаи наслҳост.

Насли имрӯз бояд истиқлолро на танҳо ҳифз кунад, балки онро барои наслҳои оянда боз ҳам устувору неруманд ва пурмаъно ба мерос гузорад.

Ин аст, ба андешаи мо, маънои аслии 35 соли истиқлоли Тоҷикистон ва моҳияти масири давлатсозии миллии тоҷикон.

Ҳадафи мо бунёди Тоҷикистоне мебошад, ки то соли 2040 ба кишвари дорои иқтисоди саноативу технологӣ, «энергетикаи сабз», зерсохтори муосир ва сармояи инсонии рақобатнок табдил ёбад.

То соли 2050 мо бояд иқтисоди ба дониш асосёфтаро ташаккул дода, рушди фарогири технологияҳои рақамӣ ва истифодаи васеи зеҳни сунъиро таъмин намоем.

Дар ин роҳ рушди илму маориф, махсусан, илмҳои дақиқ, технологияҳои муосиру инноватсия ва тарбияи наслҳои донишманду соҳибмаърифат аҳаммияти калидӣ хоҳад дошт.

Барои расидан ба ин ҳадаф мо бояд кӯдакону наврасонро ба таҳсили босифат фаро гирем ва шароитеро муҳайё созем, ки ҳар як ҷавони кишвар имкони татбиқи дониш, истеъдод ва ташаббуси худро дар Ватани хеш пайдо намояд.

Мо бояд рушди кишварро тавре таъмин намоем, ки ҳар як оила зиндагии шоиста, осуда ва босаодат дошта бошад.

Маҳз чунин Тоҷикистон ормони мо барои даҳсолаҳои оянда мебошад.

Ҳамватанони азиз!

Таърих ба ҳар миллат имкониятҳои нодир медиҳад. Ба насли мо низ чунин имконият насиб гардид. Мо баъд аз ҳазор сол давлати миллии худро аз нав эҳё намудем. Мо истиқлоли давлатиро ҳифз кардем. Мо сулҳу ваҳдатро барқарор сохтем. Мо Тоҷикистонро аз вартаи бухрон ва нобудӣ ба шоҳроҳи пешрафти бомаром баровардем. Вале рисолати таърихии мо ҳанӯз анҷом наёфтааст. Зеро мо ҳанӯз дар оғози раванди таърихии давлатсозӣ қарор дорем ва бояд мушкилоту масъалаҳои зиёдеро ҳаллу фасл намоем.

Ҳадафи олӣ ва вазифаи асосии мо аз он иборат аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба давлати пешрафта, неруманд ва соҳибэътибори асри XXI табдил диҳем.

Мо фарзандони миллати куҳанбунёде ҳастем, ки ҳазорсолаҳо анъанаи давлатдорӣ, фарҳанг ва тамаддун офаридааст.

Мо ворисони Куруши Кабир, Дориюш, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, ибни Сино, Мавлонои Балхӣ ва ҳазорон нафар фарзандони таърихсозу фарзонаи миллат ҳастем. Аз ин рӯ, мо ҳақ надорем, ки нисбат ба фардои миллат бетараф бошем.

Мо вазифадорем, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан ва самимона дӯст дорем, Ватани соҳибистиқлоламонро боз ҳам ободу пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.

Имрӯз бо гузашти 35 сол бо итминони комил изҳор медорем, ки роҳи ояндаи Тоҷикистон танҳо ба пеш – ба сӯйи ободиву созандагӣ, илму маърифат, технологияву инноватсия ва пешрафту тараққиёт аст!

Мо бояд ба наслҳои оянда давлатеро мерос гузорем, ки аз ҳар ҷиҳат ободу пешрафта бошад.

Ин қарзи фарзандӣ, рисолати инсонӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҳар яки мо мебошад.

Эътимоди комил дорам, ки бо ваҳдати миллӣ, иродаи матин ва заҳмати созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон мо ба ҳамаи ҳадафҳои худ ноил мегардем.

Итминон дорам, ки Тоҷикистони маҳбуби мо дар асри XXI ба яке аз давлатҳои ободу пешрафта ва соҳибэътибори ҷаҳон табдил меёбад!

Бигзор, Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша парафшон бошад!

Бигзор, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвари азизи мо ҷовидон бошад!

Пояндаву ҷовидон бод, давлати соҳибистиқлоли тоҷикон!

Зинда бод, халқи шарафманду бузурги Тоҷикистон!

Ҷашни 35-солагии истиқлолу озодии Тоҷикистони азиз муборак бошад!

Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

Дар шаҳри Санкт-Петербург 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил намуданд.

ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ ДАР ТЕАТРИ МИЛЛӢ

8 сентябр дар Театри миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамватанону ҳамзабонони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни муқаддасу сарнавиштсоз – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ табрику таҳният гуфтанд.

Таъкид гардид, ки истиқлол барои ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳу худшинос рамзи олии озодӣ, нишонаи возеҳи соҳибихтиёрӣ ва ҳастии миллати ориётабори тоҷик, мояи ифтихору сарбаландӣ ва рукни бунёдии давлатдории муосири тоҷикон мебошад.

Гуфта шуд, ки 35 соли соҳибистиқлолӣ возеҳан собит сохт, ки тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз дорои хираду азалӣ, иродаи матин ва неруи бузурги созанда мебошанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар хотираи таърихии миллати тоҷик солҳои нахустини давлатдории навин ҳамчун давраи ниҳоят душвор ва пуртазод нақш бастаанд. Дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта кишвари мо ба буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ ва гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, хатари нобудии давлат ва пароканда шудани миллат ба воқеияти талхи он рӯзҳо табдил ёфта буд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олиро, ки соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, барои кишвари дар вартаи нобудӣ қарордоштаи мо - нуқтаи гардиши сарнавишт ва оғози бунёди давлати нави миллӣ номиданд.

Зикр гардид, ки санаду қарорҳои дар раванди иҷлосия қабулшуда заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсии барқарорсозӣ ва рушди давлатдории навини тоҷиконро фароҳам оварда, роҳи минбаъдаи пешрафти кишварро муайян намуданд.

«Ман дар он рӯзҳои барои кишварамон сарнавиштсоз изҳор дошта будам, ки куҳандиёри мо - Тоҷикистони азиз бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро ёбад ва барои ин, пеш аз ҳама, сулҳу осоиш зарур аст», - изҳор доштанд Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «имрӯз бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорам, ки бо такя ба хиради миллӣ ва дастгирии бевоситаи мардуми шарифи Тоҷикистон мо аз имтиҳони сахту сангини тақдир бо эҳсоси баланди масъулият дар назди таърих ва ояндаи халқамон гузаштем».

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи хомӯш кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо ва ба як кишвари воҳид табдил додани Тоҷикистон андешаронӣ намуданд.

Гуфта шуд, ки таҷрибаи тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун падидаи нодири сулҳофарӣ эътироф гардида, имрӯз низ таҷассуми иродаи қавӣ, масъулияти баланди миллӣ ва ваҳдати мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тамоми дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва пешрафти устувори Тоҷикистон аз Истиқлоли давлатӣ ва Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ сарчашма мегиранд. Маҳз дар ҳамин иҷлосия нахустин рамзи давлатдории тоҷикон - Парчами миллӣ қабул гардида, замина барои таҳия ва тасдиқи дигар рамзҳои давлатӣ ва муҳимтар аз ҳама, Конститутсияи Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Андешаҳои дигар вобаста ба барқарор кардани сохти конститутсионӣ, ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъсиси сохторҳои низомӣ ва таъмин намудани волоияти қонун садо дод.

Гуфта шуд, ки дар баробари таҳкими поягоҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии давлатдорӣ, мо Қувваҳои Мусаллаҳ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро, ки аз ҷумлаи аркони бунёдии давлатдорӣ мебошанд, дар шароити бисёр мураккаб ва амалан аз сифр таъсису ташаккул додем. Ин иқдоми тақдирсоз барои ҳифзи соҳибистиқлолӣ, тамомияти арзии кишвар, таъмин намудани амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа заминаи боэътимод гузошт.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қабули барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои миллӣ, ки тавонад мардумро аз ниёзмандӣ раҳонад ва иқтисодиёти кишварро рушду тараққӣ диҳад, андешаронӣ намуданд.

Ба таъкиди Сарвари давлат: «... мо гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва бунёди иқтисоди рақобатнокро ҳамчун шарти муҳимми рушди иқтисодӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ муайян намудем».

Зикр карда шуд, ки дар ин раванд, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии миллӣ муайян гардиданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши соҳибкорони боҳиммату ватандӯстро дар корҳои ободониву созандагӣ арзишманд номида, ба кулли шаҳрвандони кишвар, соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпеша барои саҳми арзандаашон дар ободонии Ватани азизамон миннатдории самимӣ изҳор намуданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба болоравии нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, эътирофи соҳибистиқлолии кишвари мо андешаронӣ карда, бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани 20 қатъномаро, ки ҳоло мавриди татбиқ қарор доранд, намунаи олии шинохти давлату миллати мо дар сайёра номиданд.

Аз ҷумла, қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» як тасдиқи дигари саҳму талошҳои сулҳофарӣ ва ваҳдатпарварии давлати тоҷикон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ номида шуд.

Таъкид гардид, ки дар солҳои истиқлол дар кишвари мо даҳҳо ҳазор иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ бунёд гардиданд, ки ба ҳалли бисёр масъалаву мушкилоти мардум ва зина ба зина беҳтар шудани шароити зиндагии онҳо мусоидат карда истодааст.

Ин ҳама пешрафту ободиро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон унвон намуданд.

Пешвои миллат дар назди мардуми соҳибфарҳангу тамаддунсоз, озодидӯсту ватанпараст, бонангу номус, босабру таҳаммул, бунёдкору созанда, заҳматкашу қавиирода ва қаҳрамони тоҷик сари таъзим фуруд оварда, ба ҳамаи онҳое, ки дар давраи вазнини давлатсозӣ бо Роҳбари давлат содиқона ҳамкорӣ карданд, яъне, вакилони мардумӣ, аъзои Ҳукумат, роҳбарони кумитаву идораҳо ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ изҳори сипос намуданд.

Пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ барномаи бошукуҳи консертӣ баргузор гардид.

Дар барномаи консертӣ дар васфи Тоҷикистон, Ватан, Пешво, Душанбе, Истиқлол, Дӯстӣ ва дигар дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ сурудҳо пешкаши иштирокдорони чорабинӣ карда шуд.

Ҳунармандон аз ашъори шоирони шинохта Эраҷ Мирзо, Рустам Ваххобзода, Давлат Сафар, Камол Насрулло, Муҳтарам Ҳотам, Низом Қосим, Бузургмеҳри Баҳодур, Варқаи Охониёз, Беҳрӯзи Забеҳулло бо оҳангҳои Фарҳод Зикир, Ҳақназар Аловатов, Аҳмад Сайдиков, Давлатманд Қутбиддинӣ, Абдулло Назрӣ, Фаррух Ҳасанзода, Файзалӣ Умар, Муҳаммадрафӣ Карроматулло ва Зикриолло Ҳакимов сурудҳои дилнишин иҷро намуданд.

Дар барнома, ҳамчунин, номераҳои консертӣ аз операи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, аз Жорж Бизе «Кармен» дар иҷрои ҳунармандони шинохта иҷро гардид.

Ҳаракати мавзуну дилкаши раққосаҳои хушхироми ансамблҳои рақсии «Лола», «Гулрез», «Зебо», «Ҷаҳоноро», «Парасту», «Ҷилва», «Базморо», «Чаман» ва гурӯҳи балети Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба барномаи идона шукӯҳи дигар зам кард.



МО БОЯД БА ҚАДРИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ РАСЕМ!

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози роҳпаймоии сокинони шаҳри Душанбе ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ

09.09.2026, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Сокинони муҳтарами пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол!

Ҳамаи шуморо бори дигар ба ифтихори ҷашни бузургу таърихӣ – 35-солагии истиқлолу озодии Ватани азизамон самимона табрик мегӯям.

Сиву панҷ сол пеш Тоҷикистони маҳбуби мо соҳиби истиқлол гардид ва халқи тоҷик имкони соҳибихтиёрӣ, муайян намудани роҳи мустақили пешрафту тараққиёт ва эҳёи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои давлатдории бостониро ба даст оварад.

Дар ин давра Тоҷикистон роҳи ниҳоят сахту сангин, вале пуршарафи давлатсозиро тай намуд.

Хусусан, солҳои аввали истиқлол барои мардуми мо солҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз буданд.

Дар он айём хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба миён омада буд.

Вале бархилофи нақшаҳои шуми доираҳои манфиатҷӯй, бо иродаи қавии мардуми кишвар ва талошҳои ватандӯстонаи фарзандони бонангу номуси миллат дар кишварамон сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ барқарор гардид.

Маҳз сулҳу субот ва оромии ҷомеа барои созандагиву ободони Ватан ва пешрафти устувори давлат заминаи мустаҳкам фароҳам оварда.

Муҳимтар аз ҳама, мардум ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон эътимод пайдо карданд ва маҳз ҳамин эътимод омили тараққиёти минбаъдаи кишварамон гардид.

Имрӯз мо бо ифтихор метавонем изҳор намоем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба шарофати заҳмати содиқона ва талошҳои ватандӯстонаи мардум ба марҳалаи нави рушд қадам гузоштааст.

Вале набояд фаромӯш кард, ки дар шароити ноорому бухронии ҷаҳони муосир ҷиҳати вусъат додани заҳмати созанда ва зиндагии арзанда барои мо сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва оромии ҷомеа неъмати аз ҳама арзишманд мебошад ва ҳифзи он вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Зеро танҳо дар фазои амну ором давлат метавонад пеш равад, иқтисод рушд кунад ва сокинони мамлакат ба заҳмати созанда машғул шаванд.

Маҳз ҷиҳати ҳифзи сулҳу оромӣ, ки хусусан солҳои охир ба масъалаи мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, чанде пештар қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, 2027-2036», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, қабул гардид.

Иқдоми мазкур саҳми кишвари соҳибистиқлоли мо дар таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ ва албатта, мояи ифтихори мардуми он мебошад, ки ҳамагӣ чанд даҳсола қабл аз ин ҷанги даҳшатноки таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд.

Ҳамватанони гиромӣ!

Мехоҳам бо қаноатмандиву ифтихор як нуктаи муҳимро иброз намоям: ҳамаи ободиҳое, ки то имрӯз дар кишвари азизамон, аз ҷумла, дар пойтахти он – шаҳри Душанбе амалӣ гардидаанд, аз баракати истиқлолу озодӣ мебошанд.

Бинобар ин, мо бояд ҳамеша шукрона кунем, ки соҳибватану соҳибдавлат ҳастем, дар Ватани озод ва давлати соҳибихтиёр зиндагӣ мекунем.

Мо бояд ба қадри неъмати бебаҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расем ва барои ҳифз кардану таҳким бахшидани пояҳои истиқлоли Ватани маҳбубамон бо иттиҳоду сарҷамъӣ саъйу талош намоем.

Ҳамчунин, мо бояд ифтихор кунем, ки вориси яке аз тамаддунҳои қадимтарини ҷаҳон, яъне, ориёӣ ҳастем ва тамаддунсозиву фарҳангофарӣ, созандагиву ободгарӣ дар ниҳоди мо аз замонҳои бисёр қадим реша давонидааст.

Бори дигар кулли ҳамватанони гиромӣ ва ҳамаи шумо – ҳозирини ин майдони бошукӯҳро ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ самимона табрик мегӯям.

Ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе ва сокинони он барои заҳмати содиқонаву ватандӯстона, ободу зебо гардонидани шаҳр ва иштироки фаъолонаашон дар чорабиниҳои ҷашнӣ миннатдорӣ баён менамоям.

Хотиршон менамоям, ки мо бояд боз ҳам заҳмат кашем, Ватани азизамон ва пойтахти онро ободу пешрафта гардонем, то тавонем дар қатори ҷомеаи мутамаддини башарӣ ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем.

Бигзор, Истиқлоли давлатӣ ҷовидон, ваҳдати миллӣ пойдор ва Парчами давлати Тоҷикистон ҳамеша парафшон бошад!

Бигзор, Ватани азизамон боз ҳам ободу пешрафта гардад, сулҳу оромӣ дар кишвари биҳиштосоямон пойдор бошад ва дар хонадонамон файзу баракат зиёда гардад!

Ба ҳар як хонадони мамлакат саломатӣ, рӯзгори обод, саодати зиндагӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ ва пешрафту ободии боз ҳам бештар орзу менамоям.

Ҳамеша сарбаланду пирӯз бошед, ҳамдиёрони гиромӣ!

Ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон муборак бошад, ҳамватанони азиз!

Зиндаву ҷовидон бод, Тоҷикистони соҳибистиқлол!

Дар Тоҷикистон 73 фоизи кормандони соҳаи маориф ва 72 фоизи кормандони тандурустиро занон ташкил медиҳанд.

Хиҷлати айби тани хешу ғами ҷаҳл кашад
Кӯдаке, к-ӯ накашад заҳмати устоду адиб.
Носири Хусрав

ТАНТАНА

9 сентябр дар майдони «Истиқлол»-и пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳпаймоии сокинони шаҳри Душанбе ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳозиринро ба ифтихори ҷашни бузургу муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфтанд.

ИШТИРОК ДАР РОҲПАЙМОИИ СОКИНОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Таъкид шуд, ки 35 сол муқаддам мардуми тоҷик соҳибистиқлол гардиданд ва таъсиси давлати миллии худро эълон карданд. Яъне, миллати тоҷик бо гузашти асрҳои зиёд давлатдории мустақили худро барқарор намуд ва ба давраи комилан нави таърихи худ ворид гардид.

Гуфта шуд, ки дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба хатари нобудӣ рӯ ба рӯ гардид ва пароканда шудани миллати тоҷик ба воқеияти даҳшатноки он рӯзҳо табдил ёфт.

Ба таъкиди Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чунин марҳалаи тақдирсоз мардуми сарбаланду истиқлолхоҳи тоҷик ва фарзандони бонангу номуси он ба хотири ҳифзи давлатдории миллии худ сарҷамъу муттаҳид шуданд ва Ватани маҳбуби хешро аз ин фоҷиа наҷот доданд.

«Соҳиби Истиқлоли давлатӣ гардидан ва баъдан бо талошу мубориза ҳифз кардани истиқлолу озодии бадастомада, барқарор намудани сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар таърихи навини худ мебошад», - иброз доштанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвари давлат маҳз ба ҳамин хотир, ин рӯйдоди бузург, яъне, истиқлолро барои мардуми тоҷик сарнавиштсоз арзёбӣ намуданд.

Зикр гардид, ки пешрафту ободиҳое, ки бо дастони мардуми шарифи Тоҷикистон ва бо заҳмати софдилонаи ҳар як фарди Ватан дар 35 соли гузашта анҷом дода шуданд, аз нигоҳи арзиши таърихӣ ба 100 сол баробар аст.

Ба андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин ва бузургтарин дастоварди мо дар ин муддат барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, истиқрори сулҳи пойдору бебозгашт ва расидан ба ваҳдати миллӣ мебошад, ки бо муборизаву фидокориҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои содиқонаи мардуми шарафманди кишвар ба даст омад.



Таъкид шуд, ки муҳимтар аз ҳама, дар ин муддат насле ба дунё омад ва ба камол расид, ки ҳисси баланди миллӣ дорад, худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту ватанпараст аст, дар пайи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар аст ва омода аст, ки истиқлолу озодии Ватани худро ҳимоя намояд ва кишвари худро боз ҳам ободу пешрафта гардонад.

«Мо бо халқи шарафманди тоҷик, аз ҷумла, ҷавонони бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва аз ҳар яки онҳо умеди зиёд дорем!»,-таъкид доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз эътирофи Тоҷикистон ва қабули ташаббусҳои ҷаҳонии кишвар андешаронӣ карда, ташаббуси нави Тоҷикистон доир ба «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»-ро исботи ин гуфтаҳо номиданд.

Дар фуроварди сухан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар сиву панҷумин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро ба кулли мардуми кишвар, сокинони пойтахти зебоямон, ҳамватанону ҳамзабонони бурунмарзӣ ва ҳамаи иштирокдорони роҳпаймоии имрӯза самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан ва ҳар як хонадони тоҷик бахту саодат, иқболи нек, файзу баракат ва рӯзгори обод орзу намуданд.

Пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии идона бо иштироки сокинони пойтахт, намояндагони касбу кори гуногун, ҷавонон ва наврасони накуиқболу хушталеъи даврони соҳибистиқлолӣ ба ифтихори ҷашни муқаддасу фархундаи миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳпаймоии идона баргузор гардид.

Аз рӯйи ҳаҷм ва шукуҳ ин калонтарин роҳпаймоии идона дар давоми 35 соли соҳибистиқлолии кишвар дар пойтахти Тоҷикистони азиз буд, зеро дар он беш аз 120 ҳазор нафар аз назди минбари асосӣ гузаштанд.

Дар роҳпаймоӣ роҳбарону кормандони вазорату кумитаҳо, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, муассисаҳои олии таълимӣ, намояндагони соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа, энергетика, тандурустӣ, маорифу фарҳанг, варзишгарон, бунёдгарони неругоҳи барқи обии «Роғун», намояндагони ташкилоту муассисаҳо, ширкатҳои мухталиф, сокинони пойтахт ва ҷавонону наврасон фаъолона иштирок намуданд.

Ин чорабинии бошукуҳи идона барои арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, Истиқлоли давлатӣ ва эҳтиром ба арзишҳои давлатдорӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор карда шуд.

Иштирокдорони роҳпаймоӣ бо парчамҳои давлатӣ ва шиору овезаҳои идона дар фазои тантанавӣ бо муҳаббату садоқат ба Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳпаймоӣ намуданд.

Бояд гуфт, ки чунин чорабиниҳои идона барои таҳкими ҳисси худогоҳию худшиносӣ, ватанпарастӣ ва гиромидошти неъматҳои даврони соҳибистиқлолӣ замина фароҳам меоранд.

КАЛОМИ ПЕШВО

БИГЗОР, ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ҶОВИДОН ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ПОЙДОР БОШАД!

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи расмии Варзишгоҳи миллӣ ва барномаи театрикунонидашуда ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

09.09.2026, шаҳри Душанбе



Ҳамватанони азиз!

Сокинони муҳтарами пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол!

Ҳамаи шуморо бори дигар ба ифтихори ҷашни бузургу таърихӣ – 35-солагии истиқлолу озодии Ватани азизамон самимона табрик мегӯям.

Сиву панҷ сол муқаддам мардуми шарафманду сарбаланди тоҷик соҳиби истиқлоли сиёсӣ гардиданд ва таъсиси давлати миллии худро эълон карданд.

Яъне, миллати тоҷик бо гузашти асрҳои зиёд давлатдории мустақили худро барқарор намуд ва ба давраи комилан нави таърихи худ ворид гардид.

Дар ин давра, яъне, тайи 35 сол Тоҷикистон роҳи ниҳоят сахту сангин, вале пуршарафи давлатсозиро тай намуд.

Маҳз сулҳу субот ва оромии ҷомеа, ки дар натиҷаи саъйу талошҳои зиёд ба даст омад, барои созандагиву ободонии Ватан ва пешрафти устувори давлат заминаи мустаҳкам фароҳам овард.

Имрӯз мо метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба шарофати заҳмати содиқона ва талошҳои ватандӯстонаи мардум ба марҳалаи нави рушд қадам гузоштааст.

Ҳамватанони гиромӣ!

Дар доираи тадбирҳои созандагиву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон имрӯз мо шоҳиди боз як рӯйдоди хотирмон – ифтитоҳи Варзишгоҳи миллӣ бо 30 ҳазор ҷойи нишаст гардидем.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тадриҷан ба яке аз марказҳои муҳимми баргузории чорабиниҳои байналмилалии варзишӣ дар минтақа табдил ёфта истодааст.

Итминони комил дорам, ки Варзишгоҳи навбунёди миллӣ минбаъд ба маркази рушди футболи кишвар, макони баргузории муҳимтарин бозиҳои байналмилаливу минтақавӣ ва майдони омодасозии наслҳои футболбозони муосири тоҷик табдил меёбад.

Ҳамчунин, мехоҳам бо қаноатмандиву ифтихор як нуктаи муҳимро иброз намоям: ҳамаи ободиҳое, ки то имрӯз дар кишвари азизамон, аз ҷумла, дар пойтахти он – шаҳри Душанбе амалӣ гардидаанд, аз баракати истиқлолу озодӣ мебошанд.

Мо бояд ҳамеша шукрона кунем, ки соҳибватану соҳибдавлат ҳастем, дар Ватани озод ва давлати соҳибихтиёр зиндагӣ мекунем.

Мо бояд ба қадри неъмати бебаҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расем ва барои ҳифз кардану таҳким бахшидани пояҳои истиқлоли Ватани маҳбубамон бо иттиҳоду сарҷамъӣ саъйу талош намоем.

Ҳамчунин, мо бояд ифтихор кунем, ки вориси яке аз тамаддунҳои қадимтарини ҷаҳон, яъне, ориёӣ ҳастем ва анъанаҳои тамаддунсозиву фарҳангофарӣ, созандагиву ободгарӣ дар ниҳоди мо аз замонҳои бисёр қадим реша давонидаанд.

Итминон дорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ва махсусан, ҷавонони ватандӯсти мо, инчунин, соҳибкорони бонангу номус ин анъанаҳои неки аҷдоди ободгари худро идомаву вусъати бештар мебахшанд ва шуҳрату обрӯи давлати соҳибихтиёри тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоранд.

Бо ибрози итминон ба фардои боз ҳам дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон бори дигар кулли ҳамватанони гиромӣ ва ҳамаи шумо – ҳозирини ин майдони бошукӯҳро ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ самимона табрик мегӯям.

Ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе ва сокинони он барои заҳмати содиқонаву ватандӯстона, ободу зебо гардонидани шаҳр ва иштироки фаъолонаашон дар чорабиниҳои ҷашнӣ миннатдорӣ баён менамоям.

Хотиршон менамоям, ки мо бояд боз ҳам заҳмат кашем, Ватани азизамон ва пойтахти онро ободу пешрафта гардонем, то тавонем дар қатори ҷомеаи мутамаддини башарӣ ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем.

Бигзор, Истиқлоли давлатӣ ҷовидон, ваҳдати миллӣ пойдор ва Парчами давлати Тоҷикистон ҳамеша парафшон бошад!

Бигзор, Ватани азизамон боз ҳам ободу пешрафта гардад, сулҳу оромӣ дар кишвари биҳиштосоямон пойдор бошад ва дар хонадонамон файзу баракат зиёда гардад!

Ба ҳар як хонадони мамлакат, аз ҷумла, ба сокинони пойтахти он саломатӣ, рӯзгори обод, саодати зиндагӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ ва пешрафту ободии боз ҳам бештар орзу менамоям.

Ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон муборак бошад, ҳамватанони азиз!

Зиндаву ҷовидон бод, Тоҷикистони соҳибистиқлол!

Дар шаҳри Париж 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил шуд.

ТАҶЛИЛ

БАРНОМАИ ФАРҲАНГӢ БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР ВАРЗИШГОҲИ МИЛЛӢ

9 сентябр дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барномаи фарҳангӣ ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Варзишгоҳи миллӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар оғоз Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳозиринро ба ифтихори ҷашни бузургу таърихӣ – 35-солагии истиқлолу озодии Ватани азизамон самимона табрик гуфтанд.

Таъкид гардид, ки 35 сол пеш Тоҷикистони маҳбуби мо соҳиби истиқлол гардид ва мардуми тоҷик имкони соҳибихтиёрӣ, муайян намудани роҳи мустақили пешрафту тараққиёт ва эҳёи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои давлатдории бостониро ба даст овард.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки маҳз сулҳу субот ва оромии ҷомеа барои созандагиву ободонии Ватан ва пешрафти устувори давлат заминаи мустаҳкам фароҳам овард.

Ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар шароити ноорому бухронии ҷаҳони муосир ҷиҳати вусъат додани заҳмати созанда ва зиндагии арзанда барои мо сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва оромии ҷомеа неъмати аз ҳама арзишманд мебошад ва ҳифзи он вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

«Маҳз ҷиҳати ҳифзи сулҳу оромӣ, ки хусусан, солҳои охир ба масъалаи мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, чанде пештар қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, 2027-2036», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, қабул гардид»,-изҳор доштанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Зикр гардид, ки иқдоми мазкур саҳми кишвари соҳибистиқлоли мо дар таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ ва албатта, мояи ифтихори мардуми он мебошад, ки ҳамагӣ чанд даҳсола қабл аз ин ҷанги даҳшатноки таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд.

Дар робита ба бунёди иншооти муҳташамии Варзишгоҳи миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки дар доираи тадбирҳои созандагиву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон имрӯз мо шоҳиди боз як рӯйдоди хотирмон - ифтитоҳи Варзишгоҳи миллӣ, бо 30 ҳазор ҷойи нишаст гардидем.

Гуфта шуд, ки ҳамаи ободиҳое, ки то имрӯз дар кишвари азизамон, аз ҷумла, дар пойтахти он – шаҳри Душанбе амалӣ гардидаанд, аз баракати истиқлолу озодӣ мебошанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мардуми кишвар даъват намуданд, ки ба қадри неъмати бебаҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расанд ва барои ҳифз кардану таҳким бахшидани пояҳои истиқлоли Ватани маҳбубамон бо иттиҳоду сарҷамъӣ саъйу талош намоянд.

Дар фуроварди сухан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва кулли мардуми ободгари кишвар барои заҳмати содиқонаву ватандӯстона, ободу зебо гардонидани шаҳр ва иштироки фаъолонаашон дар чорабиниҳои ҷашнӣ минатдорӣ баён намуданд.

Пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Варзишгоҳи миллӣ намоиши театрикунонидашуда бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «35 соли сарнавиштсоз» баргузор гардид.

Намоиши идонаву тантанавии бошукӯҳ ба бобҳо ҷудо гардида буд: аз қабили дар масири тамаддуни миллат, дар боби амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, саноат - асоси пешрафт, «Об барои рушди устувор» - қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид ва рушди пешравии рақамӣ.

Дар барномаи идонаи консертӣ шеърҳо аз эҷодиёти шоирони шинохтаи тоҷик Давлат Сафар, Озарахш, Гулназар Келдӣ, Рустами Ваҳҳоб, Бехрӯзи Забеҳулло, Озари Ориф, Раънои Мубориз, Камол Насрулло, Шамсиддини Нуриддин, Нуруллои Ориф, Назри Яздон, Ниҳонӣ, Ато Мирҳоҷа, Хайрандеш, Сайдои Шайдо, Толиби Лукмон, Муҳаммад Ғоиб ва Низом Қосим бо номҳои «Партави ифтихор», «Гулбиҳишт», «Дар зинароҳи Истиқлол», «Суруди миллии Тоҷикистон», «Ориёиям», «Сомониям», «Созу навои Ватан», «Номаи иқбол», «Бақои миллат», «Халқ ва Пешво», «Ватани пурганҷ», «Тоҷикистон», «Душанбе-шаҳри гулҳо», «Душанбе-шаҳри ҷавонӣ» ва «Рамзи Истиқлол» истифода гардид.

Ҳунармандон, устодони санъат ва сарояндаҳои шинохта Рустам Дулоев, Меҳрнигори Рустам, Фотима Машрабова, Таҳмина Ниёзова, Амирҷон Рӯзиев, Нигина Амонқулова, Давлат ва Соҳиб Назрӣ, Комилҷон Зарипов, Тоҷиддин Раҳимзода, Гуласал Пӯлодова, Ҳақназар Аловатов, Раҳматулло ва Фирдавс Ҳошимовҳо, Муҳаммадрафӣ ва Нозияи Кароматулло, Лоиқ Холов, Шоҳин ва Ҷаннатулло Абдуллоевҳо, Ситораи Кароматулло, Абдулхайр Муминов, ҳунарпешагони Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ Ҳайётҷон Ҳамрохонов ва Манижа Назарова, Ҳикматулло Анваров, ҳунарпешагони Ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобов, Миҷгона Иброҳимова, Ясмина Алидодова, Мадина Ақназарова, Дилноза Каримова, барандаи ҷоизаи озмунҳои байналмилалӣ Фаррух Ҳасанзода ва хори Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо оҳанги композиторони шинохта ба меҳмонони чорабинии фарҳангӣ сурудҳои дилнишин пешкаш намуданд.

Дар фазои идонаи Варзишгоҳи миллӣ оҳангҳои композиторони шинохта Далер Тиллоев, Файзалӣ Умар, Назира Ҳамдамова, Фарҳод Зикир, Сулаймон Юдаков, Носир Сафарзода, Тобиш Ҳилолӣ, Исмоил Назрӣ, Фурқат Саидзода, Шавкат Умаров, Ҳақназар Аловатов, Раҳматулло Ҳошимов, Олимҷон Солизода, Искандар Тоҳиров, Зафар Раҳимӣ, Абдулхайр Муминов, Муборакшо Ҷумъаев, Убайдулло Иброҳимзода, Насим Раҷабов, Ёқуб Абдуллоев, Муҳаммад Ҷӯраев, Бахтиёр Ҳаитов ва Зайниддин Каримов садо дод.

Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат муассисаи насли нави соҳаи маориф дар ноҳияи Рашт аст, ки 11 сентябр бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуд.

Иншоот дар асоси дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳсозии фазои таълиму тарбия мутобиқ ба меъёру талаботи муосир сохта шудааст.

МАКТАБИ ПРЕЗИДЕНТИИ НОҲИЯИ РАШТ МАВРИДИ БАҲРАБАРДОРӢ ҚАРОР ГИРИФТ

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои наву замонавии таълимӣ аз 33 синфхонаи муҷаҳҳаз иборат буда, барои 800 хонандаи болаёқат пешбинӣ гардидааст.

Синфхонаҳои компютерии пайваст бо шабакаи Интернет ба дарёфти адабиёти гуногун ва омӯзиши илмҳои муосир мусоидат мекунад.

Барои аз худ кардани илмҳои дақиқ синфхонаҳои химия, биология, физика ва озмоишгоҳҳо бо муҳимтарин дастгоҳу лавозимоти таълимӣ таҷҳизонида шудаанд, ки ин дар омӯзиши донишҳои назариявӣ ва амалии хонандагон нақши муассир мегузорад.

Синфхонаҳои таълими меҳнат, омодагии ибтидоии ҳарбӣ, ҳуҷраҳои кории омӯзгорон, маҷлисгоҳ бо 400 ҷойи нишаст, ошхонаи барҳаво, толори варзиш, майдончаи варзишӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ ба омӯзиши касбу ҳунар, баргузории ҷамъомаду вохӯриҳо, ҷалби хонандагон ба бозиҳои футбол, волейбол ва баскетбол заминаҳои воқеӣ мегузорад.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Рашт зиёда аз 60 омӯзгор соҳиби ҷойи кор ва маоши хуб гардиданд.

Ҳамчунин, бо мақсади бо ҷойи зист таъмин намудани хонандагон аз ноҳияҳои дигари минтақа дар назди муассиса 2 бинои алоҳидаи хобгоҳ барои духтарон ва писарон низ сохта шудааст. Хобгоҳҳо дорои шароити муосир буда, барои 350 хонанда пешбинӣ шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо масъулин ва омӯзгорони муассиса дастур доданд, ки бо истифода аз шароит ва имкониятҳои фароҳамшуда дар тақвияти донишу малакаи хонандагон, омода намудани онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Ифтитоҳи иншооти нави соҳаи маориф дар рӯзҳои таҷлили ҷашни бузурги миллӣ – 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ барои хонандагону омӯзгорони ноҳияи Рашт туҳфаи арзанда ва нишони ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақвияти донишу тафаккури насли ояндаи миллат арзёбӣ гардид.

Ифтитоҳи 15 иншоот дар ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Сангвор, Лахш, Тоҷикобод ва муаррифии лоиҳаи роҳи Лабиҷар – Сангвор

11 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15 иншоотро ба таври фосилавӣ дар ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Тоҷикобод ба истифода дода, бо лоиҳаи роҳи мошингарди Лабиҷар – Сангвор шинос шуданд.

Дар деҳаи Қазноқи ноҳияи Рашт бинои Ҷамоати деҳоти Нусратулло Махсум, осорхонаи Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва дар шаҳраки Ғарм биноҳои шуъбаи маориф ва шуъбаи муҳофизат дар минтақаи Рашт ва қасри ҷавонон мавриди истифода қарор гирифт.

Дар деҳоти Меҳрободи ноҳияи Нуробод бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12 барои 700 хонанда дар ду баст ва маркази савдо ифтитоҳ ёфт.

Дар деҳоти Заршӯёни ноҳияи Сангвор бошад, меҳмонхонаи Гармчашмаи Вахё ифтитоҳ гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ифтитоҳи фосилавӣ бо шароит барои кору фаъолият дар бинои шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар ноҳияи Лахш, маркази адлия, маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва бинои шабакаҳои барқ шинос шуданд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 45 барои 350 хонанда дар ду баст дар маҳаллаи навбунёди Сабзазор, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 28 дар деҳаи Полезаки деҳоти Ширинчашма барои 350 хонанда дар ду баст ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 44 дар деҳаи навбунёди Сафедмун барои 600 хонанда дар ду баст мавриди истифода қарор гирифт. Дар маҷмуъ, бо ифтитоҳи 3 иншооти соҳаи маориф дар ноҳияи Тоҷикобод 1300 хонанда дар шароити замонавӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалишавии ҳадафҳои Ҳукумати кишвар, татбиқи нақшаи чорабиниҳои ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, саҳмгузории соҳибкорону сокинони маҳаллиро дар корҳои ободонӣ ва мавриди истифода қарор гирифтани иншооти таъйиноти гуногунро барои ба талаботи замони муосир мутобиқ шудани шароити хидматрасонӣ, фарогирии мардум ба ҷойи кор ва васеъшавии имкониятҳои истеҳсолӣ дар гурӯҳи ноҳияҳои водии Рашт муҳим арзёбӣ карданд. Раисони ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Тоҷикобод барои истифодаи пурраи имкониятҳои мавҷуда, таҳким бахшидани созандагиҳо ва ҷамъоварии саривақтии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ вазифадор шуданд.

Умуман, дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт 404 иншоот, Нуробод 270, Лахш 99, Тоҷикобод 94 ва дар ноҳияи Сангвор 95 иншоот сохта ба истифода дода шудааст.



Зимни муаррифӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот дода шуд, ки лоиҳаи роҳи мошингарди Лабиҷар – Сангвор бо дарозии умумии 64,5 километр амалӣ мешавад.

Ҳамин сол аз Лабиҷар то деҳаи Кафтаргузар сохтмони роҳ бо дарозии 10 километр, бунёди ду пул бо дарозии умумии 148 метр, 18 қубури обгузар бо андозаҳои гуногун, 21 такядевор ва чароғонсозӣ оғоз мегардад.

Лоиҳаи роҳи мошингарди Лабиҷар – Сангвор аз ҷониби Маркази татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Шоҳон-Зиғар амалӣ гардонида мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи роҳи Лабиҷар – Сангвор масъулини дахлдори соҳаро ҷиҳати иҷрои босифату саривақтии сохтмон бо назардошти талаботи кӯҳистон, ҷалби бештари сармоя ва тезонидани раванди корҳо вазифадор намуданд.

www.president.tj

23 сентябри соли 2026 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии нассоҷии Тоҷикистон – 2026 баргузор мегардад.

АРҶГУЗОРӢ



ҚАДРДОНИИ КОРМАНДОНИ СОҲА БО МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ

7 сентябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии идона бахшида ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар доираи он ба як қатор кормандони соҳаи илму маориф мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Дар чорабинии мазкур муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ва вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст вазири маориф ва илм ҳозиринро ба ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, таъкид кард, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаҳои маориф ва илм ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ рушд ёфта, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода намудани кадрҳои баландихтисос заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Қадршиносии заҳмати омӯзгорону олимон аз ҷониби Давлату Ҳукумати кишвар нишонаи таваҷҷуҳи хосса ба ин соҳа мебошад.

Боиси сарфарозист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгорро пайваста ҳамчун шахсияти калидӣ дар бунёди ҷомеаи маърифатпарвар ва ояндаи давлат арзёбӣ менамоянд. Ин муносибат барои ҳар як корманди соҳа ҳам ифтихор аст ва ҳам масъулияти бузург. Зеро посухи арзандаи мо ба чунин эътимоду ғамхорӣ бояд меҳнати содиқона, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯсту худшинос ва омода намудани кадрҳое бошад, ки ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо донишу ҷаҳонбинии муосир бунёд мекунанд.

Сипас муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ҳозиринро ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ табрик намуда, зикр кард, ки сарфароз гардонидани кормандони соҳаҳои маориф ва илм бо мукофотҳои давлатӣ нишонаи эътирофи саҳми арзандаи онҳо дар тарбияи насли донишманду ватандӯст ва рушди соҳа мебошад.

Ҳамзамон, изҳори умед карда шуд, ки ин қадршиносии баланди Давлату Ҳукумати мамлакат масъулияти кормандони соҳаро барои фаъолияти минбаъда бештар намуда, онҳоро ба меҳнати содиқона, баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди илми миллӣ ва тарбияи насли шоистаи даврони соҳибистиқлолӣ ҳидоят хоҳад кард.

Дар идома маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ баргузор гардида, як қатор кормандони соҳаҳои илму маориф барои фаъолияти пурсамар, меҳнати содиқона ва саҳми назаррасашон дар рушди соҳа бо мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардиданд.

СОЗАНДАГӢ

Литсейи касбии техникӣ мавриди истифода қарор гирифт

Дар доираи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Рашт бо иштироки Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бинои нави литсейи касбии техникии ноҳияи Рашт мавриди истифода қарор гирифт. Иттилоъ дода шуд, ки бинои нави таълимӣ аз 2 ошёна ва 17 синфхона иборат буда, дорои 356 ҷойи нишаст мебошад. Муассиса барои омода намудани кадрҳои соҳибкасб дар самтҳои гуногуни барои бозори меҳнат зарурӣ фаъолият намуда, дар он 225 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз ин шумора 40 нафарро духтарон ташкил медиҳанд. Дар литсейи касбии техникӣ 35 омӯзгор, аз ҷумла, 8 зан ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошанд.

Дар муассиса аз рӯйи якчанд ихтисоси барои рушди иқтисоди маҳаллӣ ва таъмини бозори меҳнат бо мутахассисони соҳибкасб зарурӣ, аз ҷумла, кафшергарӣ, системаи компютерӣ, трактор-чӣ-мошинист, дӯзандагӣ, чӯбтарош-биноқор, барқчӣ, муҳосибӣ ва ронандагӣ ба хонандагон таълим дода шуда, ҳамзамон, даврҳои кӯтоҳмуддати касбӣ низ ба роҳ монда шудаанд.

ШОДБОШӢ

БУВАД ПОЯНДА ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!

Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Муҳтарам аҳли маориф!
Ҳамватанони азиз!

Истиқлоли давлатии Ватани маҳбуби мо, ки ифодагари ифтихори миллӣ ва шаъну шарафи мост, 35-сола шуд ва ин ҷашни фархундаро тамоми сокинони мамлакат бо сари баланд ва бо нишоту фараҳмандӣ таҷлил менамоянд.

Истиқлол дар ҳаёти халқи куҳанбунёду волонажоди тоҷик, халқе, ки табиатан гаравиш ба дӯстӣ ва сулҳу ваҳдат дорад, гардиш ва таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд оварда ва марҳалаи навинеро оғоз бахшид ва ин марҳала аз ибтидо ба азму иродаи қавӣ, рисолати олии ватандорӣ ва бо ҳувияти миллии тоҷикони шарафманд иртибот пайдо кард. Истиқлол имкон фароҳам оварда, ки Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон ҳамчун давлати мустақил, кишвари амну озод ва диёри мардуми тамаддунпарвар шинохтаву эътироф карда шавад.

Вақте ки сухан аз Истиқлоли давлатиамон ба миён меоварем, пеш аз ҳама, симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷилвагар мешавад, зеро маҳз Пешвои миллат барои пойдори истиқлоли кишвари маҳбуби хеш фидокорона ҷидду ҷаҳд намуда, пояҳои давлатдории миллиро устувору бегазанд карданд ва ба тоҷикон шуҳрату эътирофи ҷаҳонӣ оварданд. Сарвари кишвар Истиқлоли давлатиро ҳамчун «бузургтарин ва муқаддастарин неъмат, нишони олии ҳувияти миллӣ, ифтихор ва номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллати бостонӣ ва соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик, асосии хушбахтию сарбаландии тамоми сокинони Тоҷикистон» тавсиф бахшида, аз аҳли диёр даъват бинмудаанд, ки посдори ҳамешагии истиқлол бошанд ва пайваста баҳри безаволию устувории ин дастоварди таърихии миллат ҷидду ҷаҳд намоянд.

Истиқлоли давлатӣ дар қатори соҳаҳои дигари ҳаёти мамлакат ба рушди бесобиқаи соҳаи маориф ва тақвияти рӯзафзуни фаъолияти аҳли таълиму тарбия мусоидат кард. Бо ибтикори Сарвари кишвар маориф соҳаи имтиёзнок эълон гардид ва барои ислоҳоти фарогир дар ин соҳа тамоми шароит фароҳам оварда шуд. Барои омӯзгорон имтиёзҳо муқаррар гардиданд, музди кори онҳо давра ба давра зиёд шуд, бунёди таълимгоҳҳои нав авҷ гирифт, муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти замонавӣ комилан таъмин гардиданд, барномаю нақшаҳои таълимӣ таҷдиди назар шуданд, китобу дастурҳои нави таълимӣ бо мазмуну муҳтавои иртиботманд ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ рӯйи даст омаданд, сохтори идораи соҳа низ хеле таҷдид ёфт. Дар маҷмуъ, агар мо имрӯз натиҷаи ин сиёсатро бо забони омор таҳлил намоем, пеши назар симои Тоҷикистони дигаргуншуда намудор мегардад.

Дар соли таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият мекард. Дар соли таҳсили 2025-2026 шумораи онҳо ба 4056 муассиса расидааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ 4135 бино ва бинои иловагии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 888 ҳазору 531 ҷойи нишаст дар як баст сохтаву мавриди истифода қарор гирифтаанд. Барои ин корҳои бузурги созандагӣ беш аз 8,3 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Таваҷҷуҳ ба таҳсилоти томактабӣ низ дар ҳамин замина аҳаммияти махсус дорад. Агар соли 2010 дар ҷумҳурӣ 488 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият мекард, имрӯз шумораи онҳо ба 831 муассиса расидааст. Дар баробари ин, марказҳои рушди кӯдак ва шаклҳои алтернативии омодагӣ ба мактаб густариш ёфтанд.

Дар таҳсилоти олӣ бошад, мо шоҳиди дигаргуние ҳастем, ки онро метавон яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои рушди сармояи инсонӣ дар даврони истиқлол арзёбӣ намуд.

Соли таҳсили 1991-1992 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо 69 ҳазору 300 донишҷӯ таҳсил мекард. Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 51-то расида, теъдоди донишҷӯён аз 226 ҳазор нафар гузаштааст. Яъне, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ қариб чор баробар ва шумораи донишҷӯён беш аз се баробар афзудааст. Дар баробари ин, имрӯз беш аз 41 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ таҳсил менамоянд. Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» низ барои дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод ва омода намудани мутахассисон дар донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон имконияти нав фароҳам оварда.

Хушбахтона, дастовардҳои аҳли маориф зиёду шоистаи ситоишанд ва онҳо, дар маҷмуъ, бозгӯи онанд, ки маорифи тоҷик дар аҳди истиқлол ба сатҳи баланд расидаву ба яке аз омилҳои муҳимми ифтихори миллию шарафи ватандорӣ табдил ёфтааст. Силсилаи асноди давлатие, ки дар солҳои Истиқлоли давлатӣ вобаста ба соҳаи маориф ба тасвиб расиданд, ба такмили сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат карданд, боиси сари кор омадани мутахассисони варзидаи бозгӯй ба талаботи замони муосир гардиданд ва таҳсилотро дар ҷумҳурӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ намуданд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор», ҳамчунин, ба боз ҳам боло рафтани обрӯю эътибори омӯзгорон дар ҷомеа созгор гашт. Дар маҷмуъ, арҷгузорӣ ба соҳаи маориф дар кишвари соҳибистиқлоли мо мусоидгар ба пешрафти бесобиқаи тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва заминагузор ба фардои боз ҳам дурахшони Ватани азизамон гардидааст.

Дӯстони муҳтарам!

Истиқлоли мо волотарин сарвати миллат буда, омили асосии ҳастии давлат ва халқи мост. Истиқлоли мо ҳамбастагии ногусастанӣ бо сулҳу ваҳдат ва бунёдкорию созандагӣ дорад ва миллати моро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Онро бояд шарафмандона пос дорем ва барои шукуфоии ҳамешагияш кӯшиш намоем.

Ҳамаи Шуморо ба ифтихори Рӯзи Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азиз ва 35-умин солгарди ин истиқлоли нишотбахш самимона табрику таҳният мегӯям ва таманнои онро дорам, ки ҳама дар канори дилпазиру пурифтихори истиқлоли Ватан хушбахту сарбаланд ва пешраву саодатманд бошему ҳамвора диёри арҷмандамонро ободу зеботар бисозем.

Байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва MERI Centre for International Studies ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

ҶАЛАСАИ СИТОД

Омодагӣ ба даври сеюми озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ»

11 сентябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ситоди кории ҳайати Комиссияи ҷумҳуриявии озмунҳои «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ» баргузор гардид.

Дар кори ситод муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи ҷумҳуриявии озмунҳо Дилрабо Мансурӣ, муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, аъзои комиссияи ҷумҳуриявӣ, ҳайати ҳакамон, масъулони Вазорати маориф ва илм, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тариқи ҳузурӣ ва онлайнӣ иштирок намуданд.

Ҷаласаро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи ҷумҳуриявии озмунҳо Дилрабо Мансурӣ оғоз намуда, таъкид кард, ки баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ» дар заминаи таваҷҷуҳ ва дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф, илм, маърифатнокии ҷомеа, худшиносии миллӣ ва дарёфти истеъдодҳои ҷавон роҳандозӣ гардидаанд.

Зикр гардид, ки ин озмунҳо барои баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии насли наврасу ҷавон, омӯзиши мероси адабӣ ва фарҳангии миллӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тарбияи ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар идомаи ҷаласа масъалаи омодагӣ ва баргузории даври сеюми озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вобаста ба ин, иттилоъ дода шуд, ки даврҳои якум ва дуюми озмун мутаносибан дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои шаҳру ноҳияҳо баргузор гардида, дар даври якум 313 ҳазору 664 нафар ва дар даври дуюм 59 ҳазору 825 нафар иштирок намудаанд. Аз ин шумора 5 ҳазору 93 нафар ба даври сеюм роҳ ёфтаанд.

Бо мақсади такмили низоми бақайдгирӣ ва назорати раванди озмун аз ҷониби Вазорати маориф ва илм портали электронии озмун роҳандозӣ гардида, то даври сеюм 4 ҳазору 307 нафар иштирокчӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Даври сеюми озмун аз рӯйи ҳашт номинатсия - биология, география, химия, математика, физика ва астрономия, технологияҳои иттилоотӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ, зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ баргузор мегардад.

Таъкид шуд, ки барои дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани даври сеюм ҳайати ҳакамон ва комиссияҳои дахлдор омода гардида, ҷадвали маконҳои баргузорӣ муайян шудааст. Ҳайати ҳакамон вазифадор гардидааст, ки ҳангоми баҳогузорӣ ба донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо, гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ва дастовардҳои навоваронаи иштирокчиён таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, талаботи низомнома ва принсипҳои шаффофиятро риоя намояд.



Ҳамзамон, зикр гардид, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омодагии масъулон ва ҳайати комиссияҳо гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таълимӣ ва намояндагони соҳаҳои дахлдор семинарҳои машваратӣ баргузор гардидаанд.

Сипас масъалаи омодагӣ ба баргузории даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Вобаста ба ин, иттилоъ дода шуд, ки дар даври дуюми озмун аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 68 ҳазору 360 нафар довталаб иштирок намуда, 1 ҳазору 744 нафар ба даври сеюм роҳхат гирифтаанд. Аз ҷумла, 169 нафар аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 629 нафар аз вилояти Хатлон, 469 нафар аз вилояти Суғд, 137 нафар аз шаҳри Душанбе ва 340 нафар аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд.

Қайд гардид, ки даври сеюми озмун дар шаш минтақа – шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, минтақаҳои Ҳисор ва Рашт баргузор гардида, маконҳои баргузорӣ муайян карда шудаанд.

Ҳамчунин, дар асоси талаботи низомнома номзадии устодони соҳибтаҷриба ва мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои шомил намудан ба ҳайати ҳакамон ва комиссияи апеллятсионӣ пешниҳод гардидааст.

Зимни баррасии масъала таъкид гардид, ки ба омодагии иштирокчиён, азхудкунии амиқи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, дарки мазмуну муҳтавои асар, дониши таърихию адабӣ ва фарҳанги баланди суханварӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Дар фарҷоми ҷаласа таъкид гардид, ки бо дарназардошти аҳаммияти озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ» масъулон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, ҳайати комиссияҳо ва ҳакамон вазифадоранд, ки барои дар сатҳи баланди ташкилӣ, шаффоф ва одилона баргузор намудани даври сеюми озмунҳо тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Ҳамчунин, ба масъулон ҷиҳати риояи қатъии талаботи низомномаҳо, таъмини шароити мусоид барои иштирокчиён, назорати ҷараёни озмун ва пешгирии ҳар гуна ҳолатҳои ба шаффофияти он халалрасон дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

---

14 сентябр дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Сино дари шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» оғоз гардид.

Дар маросими оғози озмун муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомуддин Иброҳимзода, муовини Раиси шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа Дилбар Одилзода, намояндагони сохторҳои марбутаи шаҳри Душанбе, ноҳияҳои пойтахт, ҳайати ҳакамон ва иштирокчиёни озмун иштирок доштанд. Таъкид гардид, ки озмунҳои ҷумҳуриявӣ бо ташаббус ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди тафаккури илмӣ ва дарёфти истеъдодҳои наврасону ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меоранд. Озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» низ ба рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, тавсеаи ихтироъкориву навоварӣ ва ҷалби бештари қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши илмҳои муосир равона шудааст.

Дар даври якуми озмун дар шаҳри Душанбе 85 ҳазору 662 нафар иштирок намуда, 7 ҳазору 484 нафар ба даври дуюм роҳхат гирифтанд. Дар даври дуюм 7 ҳазору 484 нафар иштирок карда, 602 нафар ба даври сеюм роҳ ёфтанд.

Даври шаҳрии озмун бо иштироки довталабони беҳтарин аз муассисаҳои таълимии пойтахт баргузор гардида, ҳайати ҳакамонро мутахассисони соҳибтаҷриба ва сатҳи баланди касбӣ ташкил медиҳанд.

***

14 сентябр дар Маркази фарҳанг ва рушди технологияҳои инноватсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» оғоз гардид.

Дар маросими ифтитоҳи озмун муовини раиси вилояти Суғд Зайнура Азимӣ, сармутахассиси раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Қутбиддин Фатҳуллозода, сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Гулсара Мирзозода ва ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шероз Муминзода иштирок ва суханронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки бо ташаббус ва таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди илму маориф ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтидори зеҳниву эҷодии насли наврасу ҷавон аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» низ дар доираи ҳамин сиёсати созанда баргузор гардида, ба баланд бардоштани шавқу рағбати насли наврасу ҷавон ба илм, омӯзиши технологияҳои муосир, рушди тафаккури илмӣ, кашф ва дастгирии истеъдодҳои нав, инчунин, тарғиби ихтироъкориву навоварӣ равона шудааст.

Даври вилоятии озмун аз 14 то 17 сентябр идома ёфта, иштирокчиён аз рӯйи номинатсияҳои математика, химия ва биология, география, физика, астрономия, технологияи иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, барномасозӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ барои дарёфти ҷойҳои ифтихорӣ байни ҳам рақобат менамоянд.

Дар ҷараёни озмун иштирокчиён корҳои илмӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, ихтироот ва дастовардҳои эҷодии худро муаррифӣ намуда, сатҳи дониш, маҳорати илмӣ-таҳлилӣ, қобилияти эҷодӣ ва малакаҳои амалии худро ба ҳайати ҳакамон пешниҳод мекунанд.

Даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» то 17 сентябр идома меёбад.

***

Сабқати беҳтаринҳо

Дар Донишгоҳи тиббии Хатлон маросими кушодашавии даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи озмун муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Зиёдулло Абдулзода, масъулони соҳаи маориф аз шаҳру ноҳияҳои вилоят, омӯзгорон, довталабон ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Нахуст муовини раиси вилояти Хатлон А. Абдусаломзода вобаста ба ҳадафу моҳияти баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» андешаронӣ кард.

Таъкид гардид, ки ташкили чунин озмунҳои илмӣ бо ташаббус ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди тафаккури илмӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати насли наврасу ҷавон, бедор намудани шавқу рағбат ба омӯзиши илмҳои дақиқу табиӣ ва рушди қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамояд.

Сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон дар идомаи чорабинӣ оид ба сатҳи омодагии довталабон, натиҷаҳои солҳои қаблии озмун ва тадбирҳои андешидашуда барои омодасозии хонандагон ба даври вилоятӣ суханронӣ намуд.

***

15 сентябр дар мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар шаҳри Ҳисор даври минтақавии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» оғоз гардид.

Дар маросими ифтитоҳи озмун муовини раиси шаҳри Ҳисор, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, омӯзгорон, хонандагон, иштирокчиёни озмун ва аъзои комиссия иштирок намуданд.

Муовини раиси шаҳри Ҳисор зимни суханронӣ таъкид намуд, ки баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи дониш, тақвияти тафаккури илмӣ, рушди қобилияти зеҳнӣ ва дарёфти истеъдодҳои наврасону ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар даври минтақавии озмун иштирокчиён аз рӯйи номинатсияҳои муайяншуда донишу малака, маҳорати эҷодӣ ва қобилияти илмии худро ба ҳайати комиссия пешниҳод менамоянд. Натиҷаи иштироки онҳо аз ҷониби ҳайати комиссия тибқи талаботи муқарраргардида баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар шаҳри Ашқобод 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил намуданд.

Кори беустод хоҳӣ сохтан,
Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.
Ҷалолиддини Балхӣ

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

Фардои Тоҷикистон имрӯз дар мактаб аст

Дар ҳошияи суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ

Маънӣ ва суханониҳои сиёсӣ дар радифи мазмуну муҳтавои мустақим, як мантиқи амиқи дигар низ доранд. Агар мазмуну муҳтавои ошкорро рақамҳо, далелҳо, дастовардҳо, масъалагузориҳо ва супоришҳо ташкил диҳанд, паҳлуи дигари мантиқии суханронӣ нишон медиҳад, ки давлат ба кадом самт ҳаракат кардан мехоҳад, барои расидан ба фардо кадом захира ва неруро ҳалкунанда мешуморад.

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ аз ҳамин зовия аҳаммияти хос дошта, дар он маориф танҳо ба ҳайси як соҳаи алоҳидаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ карор нагирифтааст. Аз оғоз то анҷоми суханронӣ як андешаи меҳварӣ пайгирӣ мешавад: дурнамои ояндаи Тоҷикистон аз камолоти инсоне вобаста аст, ки имрӯз дар мактаб тарбия меёбад.

Тоҷикистон дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ қарор дорад ва табиист, ки дар чунин марҳала нигоҳ ба роҳи тайшуда барои муайян намудани стратегияи оянда арзишманд мебошад. Агар се даҳсолаи аввали соҳибистиқлолиро то андозае давраи барқарорсозӣ, бунёдкорӣ, ташкили инфрасохтор, фароҳам овардани замина ва имкониятҳои таҳсил биномем, марҳалаи нав бояд давраи гузариш аз «доштани имконият» ба «самаранок истифода бурдани имконият» бошад. Маҳз ҳамин гузариш аз нишондиҳандаи миқдорӣ ба сифат яке аз муҳимтарин паёмҳои суханронист.

Ба ибораи дигар, бинои мактаб худ ҳадафи ниҳоӣ нест. Бино восита ва макони таълиму тарбия аст. Ҳадаф тарбияи инсони бомаърифат аст.

Ин тағйири нуқтаи назар барои сиёсати маориф бисёр муҳим мебошад. Солҳо пеш мушкили асосӣ метавонад набудани синфхона, ҷойи нишаст, китоб ё омӯзгор бошад. Имрӯз дар баробари ҳалли чунин масъалаҳо, саволи мураккабтар пеш меояд: хонанда пас аз ёздаҳ соли таҳсил ба кадом сатҳи илму дониш расидааст ва то кадом андоза мустақилияти фикру андеша дорад? Оё донишҷӯ пас аз хатми донишгоҳ танҳо диплом мегирад ё воқеан соҳиби касб мешавад?

Таъкиди Сарвари давлат, ки «ба мо, пеш аз ҳама, мутахассис зарур аст, на чавоне, ки танҳо соҳиби диплом аст», бояд ҳамчун яке аз муҳимтарин меъёрҳои марҳалаи нави сиёсати таҳсилоти касбӣ қабул карда шавад. Ин андеша масъалаи хеле бузургро фаро гирифтааст: рейтинги арзиши таҳсилоти кишварро дигар танҳо шумораи муассиса, донишҷӯ ва диплом муайян карда наметавонад. Арзиши воқеии таҳсилотро қобилияти хатмкунанда барои ҳалли масъалаҳои зиндагӣ, истеҳсолот, иқтисод, илм ва ҷомеа муайян мекунад.

Аз ҳамин ҷо зарурати бознигарии мафҳуми «сифати таҳсилот» ба миён меояд. Сифат набояд танҳо ба натиҷаи имтиҳон ё фоизи азхудкунӣ баробар дониста шавад. Аз ин рӯ, дар марҳалаи нав зарур аст, ки сифати таҳсил бештар аз рӯйи саводнокии функсионалӣ, тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъала, фарҳанги муошират, малакаи истифодаи технология ва сатҳи мустақилияти фикрии хонанда арзёбӣ гардад. Ба ибораи дигар, ба бозори меҳнат роҳ ёфтан, рақобатпазирии мутахассис дар арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат меъёри асосӣ мебошад.

Аз масъалаҳои дигари хеле муҳим дар суханронӣ сифати китобҳои дарсӣ мебошад. Таъмини муассисаҳо бо китоб дастоварди муҳим аст. Вале таъкиди Президент дар бораи гузаштан аз масъалаи норасоии китоб ба масъалаи сифати китоб нишон медиҳад, ки сиёсати китобҳои дарсӣ низ бояд ба марҳалаи нав ворид шавад.

Китоби дарсии асри XXI набояд танҳо маҷмуи маълумот бошад. Дар замоне ки хонанда метавонад дар чанд сония ҳазорон саҳифа иттилоот пайдо кунад, вазифаи китоб дигар шудааст. Китоб бояд ба хонанда тарзи фикр кардан, таҳлил намудан ва хулоса баровардanро омӯзонад. Савол диҳад, ӯро ба ҷустуҷӯ роҳнамоӣ созад, байни дониш ва воқеият робита барқарор созад, таҷриба ва таҳлилро талаб намояд. Бинобар ин, дар баробари арзёбии илмӣ ва методии китобҳои дарсӣ таъсиси низоми озмоиши пешакии онҳо дар муассисаҳои таълимӣ низ метавонад самарабахш бошад. Китоби нав қабл аз нашри оммавӣ як соли таҳсил дар гурӯҳи муайяни муассисаҳо санҷида шавад ва назари омӯзгор, хонанда, методист ва мутахассис баъдан дар таҳрири ниҳоии он ба ҳисоб гирифта шавад.

Ин пешниҳод бо як андешаи муҳимми дигари суханронӣ низ ҳамоҳанг аст: ҳар таҷрибаи байналмилалӣ ё навгонии дигаре пеш аз татбиқи умумӣ бояд озмоиш, таҳлил ва ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шавад. Ин масъала барои маорифи миллӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Ҷаҳонишавӣ имконияти истифода аз таҷрибаи пешрафтаро фароҳам овардааст, аммо таҷрибаи хориҷӣ танҳо вақте самар медиҳад, ки ба муҳити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеаи қабулкунанда мутобиқ карда шавад. Мо бояд аз ҷаҳон омӯзем, аммо низоми маориферо бисозем, ки симо ва мазмуни миллии худро дошта бошад.



Дар ҳамин замина, вазифаи Академияи таҳсилот, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ бояд таҷдиди назар шавад. Муҳимтар аз ҳама, ин муассисаҳо бояд ба «озмоишгоҳҳои фикрии маориф» табдил ёбанд. Ҳар мушкили мактаб – аз сифати таҳсилот то усули таълими фанҳо, аз мушкилоти мутолиа то таъсири телефон ба кӯдак таъсири ҷаҳонишавӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ бояд мавзуи таҳқиқоти воқеии педагогиву психологӣ гардад. Сиёсати маориф ҳар қадар бештар ба таҳқиқоти илмӣ такя кунад, эҳтимоли қабули қарорҳои муассир ҳамон андоза зиёд мешавад.

Яке аз андешаҳои тозатарини суханронии имсола масъалаи муносибати кӯдакону наврасон бо телефонҳои ҳушманд, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ мебошад. Ин масъала ба тарбия, равоншиносӣ, фарҳанг, амнияти иттилоотӣ ва ҳатто ба ояндаи қобилияти фикрии насл иртибот дорад.

Маҳдудияти истифодаи телефон шояд қисме аз мушкилро ҳал кунад, аммо ҳалли тамоми масъала нест. Кӯдаке, ки имрӯз телефонро аз дасташ мегирем, фардо дубора ба фазои рақамӣ ворид мешавад. Аз ин рӯ, роҳи муфиду устувор ташаккули фарҳанги истифодаи технологияи рақамӣ аст. Хонанда бояд донад, ки технологияро кай, барои чӣ ва чӣ қадар истифода барад, хабарро чӣ гуна санҷад, маълумоти шахсии худро чӣ гуна ҳифз кунад, иттилооти дурӯғро аз воқеӣ фарқ намояд, аз зеҳни сунъӣ барои омӯзиш истифода барад, аммо қобилияти мустақилона фикр карданашро ба он насупорад.

Шояд вақти он расидааст, ки барои муассисаҳои таълимии Тоҷикистон консепсияи ягонаи «Фарҳанги рақамии хонанда» таҳия гардад. Он метавонад аз муассисаҳои томактабӣ оғоз шуда, вобаста ба синну сол масъалаҳои одоби истифодаи интернет, амнияти рақамӣ, тафтиши манбаъ, дарки арзишҳои милливу бегона, ҳифзи маълумоти шахсӣ, муқовимат ба хабарҳои бардурӯғ ва истифодаи дурусти зеҳни сунъиро фаро гирад. Дар баробари ин, омӯзгор ва падару модар низ бояд ба омӯзишҳо ҷалб шаванд. Мо аз кӯдак истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотиро талаб карда наметавонем, агар калонсолон худ намунаи истифодаи дурусти онро нишон надиҳанд.

Зеҳни сунъӣ дар ин миён масъалаи боз ҳам ҷиддитар аст. Агар хонанда барои ҳар масъала, иншо, тарҷума ё ҷавоби вазифаи хонагӣ пурра ба зеҳни сунъӣ такя кунад, технология метавонад ба ҷойи рушди тафаккур онро заиф созад. Аммо агар омӯзгор ба хонанда омӯзонад, ки аз он барои муқоисаи маълумот, ҷустуҷӯи ғоя, таҳлили масъала, омӯзиши забон ва санҷиши фарзия истифода барад, технология ба воситаи рушди зеҳни хонанда табдил меёбад. Пас, вазифаи мо-омӯзгорон муболиза бо технология нест, балки тарбияи инсоне мебошад, ки технологияро идора мекунад, на инсоне, ки технология ӯро идора намояд.

Масъалаи дигари калидии суханронӣ интихоби касб аст. Ин масъала то имрӯз бештар дар синфҳои болоӣ матраҳ мешуд, ҳол он ки шинохти қобилияти кӯдак бояд хеле барвақт оғоз гардад. Яке ба ҳисоб шавқ дорад, дигаре ба сухан, сеюмӣ ба техника, чорумӣ ба рассомӣ ва панҷумӣ ба варзиш ва ғайра. Вазифаи мактаб яксон кардани онҳо нест, балки кашф кардани ҳамин фарқиятҳост.

Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон метавон низоми миллии роҳнамоии касбиро тадриҷан ба низоми доимии мушоҳида ва ташхиси қобилият табдил дод. Барои ҳар хонанда аз зинаҳои муайяни таҳсил «харитаи рушди қобилият» тартиб дода шавад, ки дар он майлу рағбат, дастоварди, қобилият ва пешрафти ӯ инъикос ёбад. Равоншиноси мактаб, роҳбари синф, омӯзгор ва падару модар дар асоси ҳамин мушоҳидаҳо метавонанд ба наврас барои интихоби дурусти роҳи оянда кумак намоянд.

Ин иқдом боз як натиҷаи муҳим дорад: муносибати ҷомеаро ба таҳсилоти касбӣ тағйир медиҳад. Дар суханронӣ таъкид шудани рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва афзоиши касбу ихтисосҳо аз 230 то 730 номгӯй нишон медиҳад, ки иқтисоди миллӣ ба навъи нави кадрҳо ба мисли барномасозу муҳандис, технику технолог, электрику механик, сохтмончии соҳибтахассус, дизайнеру меъмор, мутахассиси энергетика, кишоварзии муосир ва садҳо касби дигар ниёз дорад.

Барои ҳамин, бояд обрӯи иҷтимоии андешаи «соҳиби ҳунар будан» баланд бардошта шавад. Ҷавон бояд эҳсос кунад, ки муваффақият танҳо соҳиби дипломи донишгоҳ шудан нест.

Дар баробари ҳамаи ин масъалаҳо, дар маркази суханронии Президент боз ҳам омӯзгор қарор дорад. Ин мантиқ комилан табиӣ аст. Метавон беҳтарин мактабро сохт, китобҳои замонавӣ нашр кард, синфхонаро бо технология таъмин намуд ва барномаҳои нав қабул кард, вале дар ниҳоят, сифати ҳамаи онҳо ба натиҷаи ниҳоӣ аз омӯзгор вобаста мешавад.

Аз ин рӯ, марҳалаи нав бояд марҳалаи рушди касбии омӯзгор низ бошад. Такмили ихтисос бояд дар ҷараёни дарс эҳсос шавад. Омӯзгор пас аз курс бо усул, мавод ва малакаи нав ба мактаб баргардад. Барои ин зарур аст, ки низоми такмили ихтисос бештар амалӣ, фаннӣ, мувофиқ ба талаботи замон ва ба мушкилоти воқеии омӯзгор нигаронида шавад.

Ҳатто метавон механизми «омӯзгор аз омӯзгор меомӯзад»-ро густариш дод: беҳтарин омӯзгорони ҳар фан дар шаҳру ноҳияҳо ҳамчун омӯзгорони роҳнамо интихоб шуда, дарсҳои намунавӣ, машваратҳои касбӣ ва гурӯҳҳои омӯзишии доимӣ ташкил кунанд. Таҷрибаи беҳтарин бояд аз як синфхона берун баромада, ба сарвати умумии низоми миллии маориф табдил ёбад.

Дар суханронӣ тарбия низ на дар канори таълим, балки ҳамчун қисми табиии он баррасӣ мешавад. Ин нукта дар шароити имрӯз аҳаммияти фавқулода дорад. Ҷомеа метавонад мутахассиси хеле донишманд тарбия кунад, аммо агар ӯ масъулият, виҷдон, эҳтиром ба қонун, ба инсон, муҳаббат ба Ватан надошта бошад, дониши ӯ ҳатман ба манфиати ҷомеа хидмат намекунад.

Аз ин рӯ, мактаби муосири тоҷик бояд ду вазифаро дар ҳамбастагӣ иҷро кунад: донишро сайқал диҳад ва дар тарбия масъулият эҳсос намояд.

Шояд ҳамин ҷо робитаи амиқи Рӯзи дониш бо Дарси сулҳ низ ошкор мешавад. Тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, сулҳ танҳо набудани ҷанг нест. Сулҳ фарҳанг аст. Он аз тарзи гуфтугӯи инсон бо инсон, эҳтиром ба андешаи дигар, таҳаммул, масъулият ва қобилияти ҳалли ихтилоф бидуни хушунат оғоз мешавад. Пас, сулҳро низ бояд омӯзонд. Агар мактаб насли таҳаммулгаро, донишманд ва масъул тарбия кунад, он дар асл пояҳои сулҳи дарозмуддатро бунёд менамояд.

Дар ҳамин замина, зикри ташаббуси Тоҷикистон вобаста ба «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» дар суханронии Рӯзи дониш маънои рамзӣ дорад. Сиёсати сулҳҷӯёнаи давлат дар сатҳи байналмилалӣ ва тарбияи фарҳанги сулҳ дар дохили мактаб ду ҷузъи як андешаанд: сулҳи ҷаҳон дар ниҳоят аз ҷаҳонбинии инсон оғоз мешавад.

Агар 35 соли нахустини Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон давраи бунёди давлат, таҳкими сулҳ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва фароҳам овардани зербинои рушди устувор бошад, даҳсолаҳои минбаъда бояд давраи бунёди сармояи зеҳнии миллат гарданд.

Ва ин сохтмони бузург аз муассисаи таълимӣ оғоз мешавад. Амиқан, аз кӯдаке оғоз мешавад, ки имрӯз бори аввал ба мактаб қадам мегузорад. Зеро Тоҷикистоне, ки мо баъди бист ё сӣ сол хоҳем дошт, имрӯз дар паси мизҳои мактабӣ нишастааст.

М. ИМОМЗОДА,
профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар 35 соли Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон 182 деҳаи нав таъсис дода шуд.

ДИДГОҲ

АЗ АНҶУМАН ТО ИСТИҚЛОЛ

(Таассурот аз ду ҳамоиш)

Мо 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии худро дар фазои идона ва дар сатҳи бисёр ҳам олӣ таҷлил кардем. Дар баробари ҳамаи чорабиниҳои баргузоршуда, ду ҳамоиши сатҳи баланд – ҳамоиши илмии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд» ва чорабинии тантанавӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуданд, барои ман ҳамчун иштирокдори бевоситаи ин чорабиниҳо аз чанд ҷиҳат аҳаммияти хос дошт.

Воқеан ҳам, баъзан ду рӯйдод, ҳарчанд дар ду макон ва дар ду вақти ҷудогона баргузор мешаванд, дар зеҳни инсон ба як воқеаи воҳид табдил меёбанд. Ҳамоиши илмии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд», ки 7-уми сентябр дар Кохи Ваҳдат баргузор гардид ва суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, ки як рӯз баъд дар Театри миллӣ садо дод, барои ман чунин маъно доштанд. Ҳарчанд муҳтавои зоҳирии ин ду суханронӣ гуногун буд, ҳар ду дар асл як масъалаи муҳимму бузургро аз ду зовия матраҳ мекарданд: мо кӣ будем, кӣ ҳастем ва ба кучо меравем?

Шояд ҳамин се савол муҳимтарин саволҳое бошанд, ки ҳар миллат дар марҳалаҳои тақдирсози таърихи худ бояд ба онҳо ҷавоб гӯяд, зеро давлатро метавон бо воситаҳои гуногун, яъне, бо қонун, сохтор, иқтисод ва низоми идорӣ бунёд кард, аммо миллатро бо ин воситаҳо устувор нигоҳ доштан имкон надорад. Барои пойдории миллат хотираи муштарак, забони муштарак, эҳсоси мансубият ба як таърих ва муҳимтар аз ҳама, тасаввури муштарак дар бораи оянда зарур аст.

Аз ин нигоҳ, суханронии Пешвои миллат дар анҷумани «Пайванд» барои ман бештар аз як суханронӣ дар ҳамоиши фарҳангӣ буд. Он як навъ бозгашт ба решаҳо, бознигарии роҳи таърихӣ ва дар айни замон муайян кардани муносибати миллат бо гузаштаи худ дар шароити нави ҷаҳонӣ ба назар мерасид.

Дар ҷаҳоне, ки рақобатҳо рақобати иқтисоду аслиҳа ва дар маҷмуъ, рақобати давлатҳо нест ва он тадричан ба рақобати забонҳо, фарҳангҳо, хувиятҳо ва низомҳои арзишӣ табдил меёбад, масъалаи «мо кистем?» аҳаммияти комилан дигар пайдо мекунад. Миллате, ки ба ин савол ҷавоби равшан надорад, дар ҷараёни пуршиддати ҷаҳонишавӣ метавонад тадричан арзишҳои маънавии худро аз даст диҳад. Аз ин ҷиҳат, таъкиди Роҳбари давлат бар забон, таърих, фарҳанг ва тамаддуни ояндаи миллат дахл дорад.

Дар суханронии анҷуман як андешаи хеле муҳим садо дод: тамаддун хотира ва ёдгории гузашта нест, балки неруи зиндаест, ки ояндаро месозад. Ба назари ман, ин ҷумла калиди дарки қисми зиёди муҳтавои суханронӣ мебошад.

Мо одат кардаем, ки ҳангоми сухан гуфтан аз тамаддуни тоҷикон бештар ба гузашта назар кунем. Аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Хайём, Ҷомӣ, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигар бузургон ифтихор мекунем. Ин ифтихор комилан табиӣ ва зарур аст. Аммо масъалаи муҳимтар ин аст, ки ин мерос барои инсони имрӯз чӣ маъно дорад ва барои сохтани Тоҷикистони фардо чӣ хидмат карда метавонад?

Аз суханронии Пешвои миллат чунин бардошт ҳосил мешавад, ки марҳалаи танҳо ифтихор кардан аз гузашта бояд ба марҳалаи офаридани арзишҳои нав дар асоси он гузашта табдил ёбад. Агар ниёгони мо дар илм, адабиёт, фалсафа, тиб, нуҷум ва давлатдорӣ саҳми ҷаҳонӣ гузошта бошанд, пас, насли имрӯз низ бояд тавонад дар илм, технология, иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва фарҳанги муосир саҳми худро гузорад. Дар акси ҳол, тамаддун ба хотираи зебо табдил меёбад, аммо қудрати созандаи худро аз даст медиҳад. Маҳз дар ҳамин нукта ман байни суханронии Кохи Ваҳдат ва суханронӣ дар Театри миллӣ як пайванди амиқи мантиқиро эҳсос кардам.

Дар анҷуман сухан аз решаҳои аҷдодӣ мерафт, дар Театри миллӣ аз давлате, ки бар пояи ҳамин реша қомат афрохтааст, дар анҷуман сухан аз хотираи таърихӣ буд, дар Театри миллӣ аз таҷрибаи 35 соли давлатдории навин, дар анҷуман масъалаи ҳифзи забон ва фарҳанг матраҳ гардид, дар Театри миллӣ масъалаи ҳифзи Истиқлол ва соҳибихтиёрӣ. Ва дар ҳар ду суханронӣ нигоҳи асосӣ, дар ниҳоят, ба оянда равона шуда буд. Ин роҳест аз худшиносӣ ба давлатшиносӣ, аз хотираи таърихӣ ба масъулияти таърихӣ, аз мероси гузашта ба бунёди ояндаи дурахшон.

Дар суханронии анҷумани «Пайванд» нуктаи дигаре низ таваҷҷуҳамро махсус ҷалб кард. Пешвои миллат ёдовар шуданд, ки дар солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ масъалаҳои забон, таърих, фарҳанг, расму оинҳои миллӣ, рамзҳои давлатӣ ва мероси маънавӣ ба масъалаҳои меҳварии худшиносии ҷомеа табдил ёфтанд. Дар ҳамон шароити бисёр душвор миллати тоҷик ба як ҳақиқати муҳим расид: одамон бояд худро ба як сарнавишт мансуб донанд, ба як хотира такя кунанд ва ба як ояндаи муштарак бовар дошта бошанд.

Ин андеша, ба назари ман, барои фаҳмидани таҷрибаи давлатдории 35 соли охири Тоҷикистон бисёр муҳим аст.

Давлат танҳо ҳудуду қаламрав, ё мақомоти идоракунӣ ва ё дорои рамзҳои давлатии Парчаму Нишон нест. Давлат, пеш аз ҳама, эҳсоси муштараки масъулияти одамон барои сарнавишти якдигар аст. Вақте ки шахрванд тақдири давлатро аз тақдири шахсии худ ҷудо намебинад, давлатдорӣ ба арзиши ҷамъиятӣ табдил меёбад. Суханронии ҷаштнии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ҳамин масъалаи назариро бо таҷрибаи мушаххаси таърихии Тоҷикистон пайваст намуд.

Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои миллати тоҷик давраи санҷиши бисёр вазнин буданд. Давлати нав ба ҷойи он ки тамоми неруи худро ба бунёди сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии худ равона созад, маҷбур шуд, нахуст барои бақои худ мубориза барад. Ҷанги шахрвандӣ дар баробари талафоти ҷонӣ ва иқтисодӣ, хатари аз байн рафтани давлат ва пароканда шудани миллатро пешорӯи мо гузошта буд. Аз ин рӯ, вақте ки имрӯз аз истиқлол сухан мегӯем, арзиши онро бояд чунин дарк намоем, ки истиқлол дар таҷрибаи тоҷикон раванди тӯлонии ҳифз, таҳким ва ба воқеияти устувори сиёсӣ табдил додани соҳибихтиёрӣ мебошад.

Дар ҳамин замина, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар суханронии ҷаштнӣ ҳамчун нуктаи гардиши сарнавишти давлат арзёбӣ гардид. Баъдан барқарор шудани сохти конститутсионӣ, қабули Конститутсия, ташкили сохторҳои давлатӣ ва низомӣ, расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ зинаҳои пайдарпайи давлатсозӣ гардиданд. Аммо ба назари ман, муҳимтарин натиҷаи он марҳала дигар аст: миллати тоҷик давлат доштанро аз нав омӯхт ва арзиши давлатро бо таҷрибаи зиндагии худ дарк кард.

Барои насле, ки имрӯз дар фазои сулҳ ба камол мерасад, шояд тасаввур кардани он рӯзҳо осон набошад. Насле ба воя расидааст, ки мактаб, роҳ, неруи барқ, интернет, донишгоҳ, сафар ба хориҷ, озмунҳои фанниву илмӣ ва имконоти гуногуни таҳсилро воқеияти муқаррарии зиндагӣ медонад, аммо паси ҳамин имконот роҳи хеле тӯлонии таърихӣ истодааст. Аз ҳамин ҷиҳат, таъкидҳои пайваста бар хотираи таърихӣ дар ҳар ду суханронӣ аҳаммияти хос доштанд.

Хотираи таърихӣ барои он зарур нест, ки ҷомеа ҳамеша дар гузашта зиндагӣ кунад. Баръакс, хотираи таърихӣ бояд инсонро барои имрӯз ва фардо масъул созад. Миллате, ки медонад аз кадом роҳ гузаштааст, арзиши он чиро, ки имрӯз дорад, беҳтар мефаҳмад.

Шояд ҳамин ҷо мафҳумҳои «пайванд» ва «истиқлол» ба ҳам наздиктар мешаванд. Яъне, пайванд хотираи мосту истиқлол имконияти идомаи ҳамин хотира дар шакли давлатдории миллӣ.

Агар истиқлол намебуд, бисёре аз иқдомҳое, ки имрӯз онҳоро ҷузъи табиии ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон медонем, чунин аҳаммият пайдо намекарданд. Эҳёи Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон, бузургдошти шахсиятҳои таърихию фарҳангӣ, нашри «Тоҷикон», «Шоҳнома» ва силсилаи осори классикӣ, таваҷҷуҳ ба алифбои ниёгон, пешниҳод шудани бунёди Конуни тамаддуни ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз, дар асл як сиёсатро ифода мекунанд: давлат бояд хотираи таърихии миллатро ба неруи рушди маънавии ҷомеа табдил диҳад.

Дар ҳамин радиф, масъалаи забон низ ҷойгоҳи махсус пайдо мекунад, зеро забон фазоест, ки миллат дар он фикр мекунад. Агар миллат натавонад бо забони худ илми муосир эҷод кунад, технологияро шарҳ диҳад, андешаи сиёсӣ ва иқтисодӣ баён намояд ва бо ҷаҳон гуфтугӯ кунад, тадричан вобастагии фикрӣ пайдо мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, андешаи дар Анҷуман баёншуда дар бораи ба забони қудратманди илму технология, иқтисод ва дипломатия табдил додани забони тоҷикӣ барои ман яке аз муҳимтарин паёмҳои ин ду рӯз буд. Муҳимтар аз ҳама, масъала танҳо ҳифзи забон не, балки тавонманд кардани забон аст. Ҷавони тоҷик бояд тавонад бо забони модарии худ масъалаи мураккаби илмиро таҳлил кунад, барнома нависад, назарияи иқтисодиро шарҳ диҳад, ихтироъ кунад ва бо ҷаҳони илм вориди гуфтугӯ шавад. Танҳо дар ҳамин сурат забон аз ёдгории фарҳангӣ ба василаи воқеии рушди миллӣ табдил меёбад. Ин андеша мустақиман бо бахши дигари ҳар ду суханронӣ – илму маориф пайванд мегирад.

Дар суханронии Пешвои миллат таъкид гардид, ки дар асри XXI ҷойгоҳи миллат беш аз пеш бо иқтидори зеҳнии он муайян мешавад. Дар суханронии ҷаштнии истиқлол низ рушди маориф, афзоиши муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти касбӣ ва олӣ ва омода кардани кадрҳои соҳибилму соҳибкасб ҳамчун яке аз самтҳои асосии давлатсозӣ арзёбӣ гардид. Аз ин рӯ, аз маҷмуи ин ду суханронӣ метавон чунин хулоса гирифт, ки марҳалаи нави истиқлоли Тоҷикистон бояд марҳалаи истиқлоли зеҳнӣ бошад.

Мо истиқлоли сиёсиро соҳиб шудем, сохтори давлатиро бунёд кардем, сулҳу ваҳдатро таъмин намудем, зерсохтори иқтисодиро ташаккул додем. Акнун рақобати асосӣ дар майдони дониш сурат мегирад.

Давлате, ки истеъмолкунандаи технология аст, аз давлате, ки технология меофарад, вобаста мемонад. Ҷомеае, ки иттилоот қабул мекунаду дониш тавлид намекунад, дар рақобати ҷаҳонӣ пешсаф шуда наметавонад. Аз ин рӯ, мактаб, донишгоҳ, пажуҳишгоҳ, озмоишгоҳ ва муҳити илмӣ имрӯз бевосита ба масъалаи истиқлоли миллӣ дахл доранд. Ин аст, ки сухан аз рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ ва иқтисоди ба дониш асосёфта дар суханронии ҷаштнӣ ба таври мантиқӣ дар идомаи баҳси истиқлол қарор гирифт. Дар марҳалаи нав неруи зеҳнии инсон бояд ба яке аз сарватҳои асосии давлат табдил ёбад.

Барои мо-кормандони соҳаи маориф ин нукта махсусан муҳим менамояд. Агар мехоҳем истиқлол баъди 35 соли дигар низ ҳамон қадар устувор бошад, ки имрӯз аст, бояд имрӯз дар муассисаҳои илмию таълимӣ барои он замина гузорем.

Насли имрӯзи мо бояд дуруст дарк кунад, ки ҳифзи истиқлол танҳо вазифаи сарбоз дар сарҳад нест. Омӯзгоре, ки кӯдакро соҳибмаърифат мекунад, истиқлолро ҳифз мекунад. Олиме, ки дониш ва технология меофарад, истиқлолро неруманд месозад. Адибе, ки забонро зиндаву тавоно нигоҳ медорад, ба пояҳои маънавии истиқлол хидмат мекунад. Рӯзноманигоре, ки ҷомеаро ба андешаи солим, масъулият ва худшиносӣ раҳнамоӣ мекунад, дар таҳкими истиқлол саҳм мегузорад. Ва падару модаре, ки фарзандашро бо эҳсоси ватандорӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллӣ ба камол мерасонад, барои бақои ҳамин давлат замина мегузорад.

Дар ҳар ду суханронӣ масъалаи сулҳ низ бо ҳамин мантиқ матраҳ гардид. Тоҷикистон сулҳро ҳамчун мафҳуми назариявӣ намешиносад ва миллати мо арзиши онро аз таҷрибаи бисёр талхи таърихи навини худ омӯхтааст. Аз ҳамин таҷриба имрӯз як андешаи бузургтар шакл гирифтааст: миллате, ки ҷангро дидааст, метавонад ба ҷаҳон аз сулҳ бо забони таҷриба сухан гӯяд.

Ин ҷо ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, аз ҷумла, «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» маънои амиқтар пайдо мекунанд, зеро дар пасманзари он таҷрибаи таърихии миллате қарор дорад, ки аз ҷанг ба сулҳ расидааст ва медонад сулҳ барои зиндагии инсон чӣ арзиш дорад. Аз ин нигоҳ, мафҳуми «пайванд» низ аз доираи ҳамбастагии тоҷикону форсизабонон фаротар рафта, метавонад ба фарҳанги муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории тамаддунҳо табдил ёбад.

Ба назари ман, яке аз хусусиятҳои ҷолиби суханронии анҷуман маҳз ҳамин буд: гузашта ҳамчун неру барои иштирок дар ҷаҳони муосир пешниҳод гардид. Ин тафовут бисёр муҳим аст.

Миллат метавонад аз таърихи худ ифтихор кунад ва ҳамзамон, ба оянда нигоҳ кунад. Метавонад Рӯдакӣ ва Фирдавсиро гиромӣ дорад ва ҳамзамон, дар бораи зеҳни сунъӣ ва иқтисоди рақамӣ андеша кунад. Метавонад Наврӯзро ҳифз намояд ва дар айни замон технология офарад. Метавонад алифбои ниёгонро омӯзад ва ҳамзамон, бо забони тоҷикӣ барномаҳои компютерӣ нависад.

Дар ҳамин ҳамоҳангии асолат ва навоварӣ ман моҳияту мантиқу фалсафаи асосии ин ду суханрониро мебинам. Яъне, суханронии аввал моро ба решаҳо бурд, то фаромӯш накунем, ки аз кучо омадаем.

Суханронии дуюм роҳи тайкардаи давлати навини моро нишон дод, то бидонем, ки имрӯз дар кучо қарор дорем. Аммо ҳар ду моро дар назди саволи сеюм гузоштанд: акнун ба кучо меравем? Ҷавоби ин савол на ба худи давлат, балки ба ҳар яки мо дахл дорад.

Сию панҷ сол барои таърихи миллат вақти зиёд нест, аммо барои зиндагии инсон як насли комил аст. Насле, ки соли 1991 кӯдак буд, имрӯз худ соҳиби фарзанд ва масъули тарбияи насли дигар аст. Насле, ки баъди истиқлол ба дунё омадааст, имрӯз дар идора, мактаб, донишгоҳ, корхона, артиш, илм, фарҳанг ва иқтисоди кишвар фаъолият мекунад. Яъне, истиқлол тадричан аз дастоварди насли аввал ба масъулияти наслҳои баъдӣ мегузарад. Аз ин рӯ, андешаи дар суханронии ҷаштнӣ баёншуда, ки «Истиқлол арзиши як насл нест. Истиқлол масъулияти пайвастаи наслҳост», ба назари ман, метавонад хулосаи маънавии тамоми ин ду рӯз бошад.

Мо истиқлолро аз гузашта ба мерос нагирифтем, то танҳо аз он ифтихор кунем. Он ба мо супурда шудааст, то нерумандтар карда, ба оянда расонем.

Ва ин ҷо боз ба «Пайванд» бармегардем. Пайванди наслҳо, пайванди гузашта ва имрӯз, пайванди тоҷикони дохил ва хориҷ, пайванди забон ва тафаккур, пайванди фарҳанг ва давлатдорӣ, пайванди истиқлол ва масъулият. Шояд ҳамин маънои амиқтарини роҳе бошад, ки дар ин ду рӯзи таърихӣ аз Кохи Ваҳдат то Театри миллӣ тай шуд: аз шинохти хеш ба ҳифзи хеш, аз ҳифзи хеш ба сохтани хеш ва аз бунёди имрӯз ба офаридани фардо.

Тоҷикистон дар 35 соли соҳибистиқлолӣ марҳалаи бисёр душвори бақо, сулҳофарӣ, давлатсозӣ ва созандагиро паси сар кард. Марҳалаи нав, ба андешаи ман, бояд марҳалаи нерумандсозии инсон бошад – инсони босавод, худшинос, соҳибкасб, навовар, дорои тафаккури миллӣ, зеро дар ниҳоят, инсон давлатро месозад, фарҳангро ҳифз мекунад, забонро зинда нигоҳ медорад, илмро пеш мебарад. Ва Истиқлол низ танҳо вақте пойдор мемонад, ки дар шуур ва тафаккури инсон ҷой дошта бошад.

Агар бо як ҷумла бигӯем, аз анҷуман то истиқлол ман чунин бардошт доштам: решаҳои худро бишносем, давлати худро қадр кунем ва барои ояндае заҳмат кашем, ки наслҳои баъдӣ низ бо ифтихор аз Тоҷикистони соҳибистиқлол сухан гӯянд. Ин масъулияти мо дар назди фардост.

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология

Дар Тоҷикистон дар 25 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 122 баробар афзоиш ёфтааст.

АФКОР

Заминаи муҳимми рушди шахсияти кӯдак



Соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор рафта, пешрафти он пайваста дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар қарор дорад. Сатҳу сифати таълиму тарбия аз таъмини шароити мусоиди таҳсил, дастрасии хонандагон ба маводи таълимӣ ва истифодаи самараноки нақшаву барномаҳо ва китобҳои дарсӣ вобаста аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсиро пайваста таъкид менамоянд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, бо 9 миллиону 215 ҳазор китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ таъмин гардидани муассисаҳои таълимиро ҳамчун идомаи тадбирандешӣ чиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим арзёбӣ намуданд. Бояд гуфт, ки 40 номгӯй китоби дарсӣ дар раванди чоп қарор дошта, дастрас гардидани китобҳои мазкур ба муассисаҳои таълимӣ эҳтиёҷоти шаҳру ноҳияҳоро пурра таъмин менамояд.

Китоби дарсӣ омили муҳимми баланд гардидани сифати таълим ба ҳисоб рафта, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, тафаккур, маҳорату малакаи хонанда нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, бояд мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ ба талаботи замони муосир ва рушди босуръати илму техника мувофиқ бошад.

Дар ин маврид, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд: «Акнун зарур аст, ки мо бештар ба сифати китобҳои дарсӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намоем. Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки чиҳати боз ҳам такмил додани сифат ва муҳтавои китобҳои насли нав пайваста чорачӯйӣ намояд».

Дастуру супориш ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро водор месозанд, ки сифати китобҳои дарсиро баланд бардорем. Китоби дарсӣ бояд хонандаро ба андешидан, таҳлили мустақилона кор кардан, хулоса баровардан, саволу ҷавоб, сарчашмаҳои иловагиро пайгирӣ кардан водор созад, то донишу таҷрибаҳои андӯхтаашро дар ҳаёти воқеӣ амалӣ намояд.

Барои пешгирии ҳолатҳои ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани норасоии китобҳои дарсӣ ҳар як масъули сохторҳои маориф бояд тадбирҳои дахлнопазир андешад. Агар омӯзгори дарсдиҳанда бо роҳбари синф ба китобдор ва дар умум, ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба вазъи таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ маълумоти дақиқ пешниҳод кунад, агар муассисаи таълимӣ ба раёсату шуъбаи маориф маълумоти дақиқ ва эҳтиёҷоти воқеиро манзур гардонад ва агар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷоти умумии шаҳр ё ноҳияро пешниҳод кунад, норасоии китобҳои дарсӣ ба вуҷуд намеояд.

Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъулиятро эҳсос карда, чиҳати сари вақт қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимӣ чораҳои махсус меандешад.

Зимнан, аз хонандагон, волидайн, омӯзгорон ва масъулини муассисаҳои таълимӣ эҳтиромона хоҳиш мегардад, ки барои тозаю озода нигоҳ доштани китобҳои дарсӣ кӯшиш намоянд. Нагузоранд, ки хонандагон китобҳоро ифлос, харобу корношоям кунанд. Чиҳати истифодаи дуруст ва кор бо китобҳои дарсӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода шавад. Чоп ва ба муомилот баровардани зиёда аз 9 миллион китоби дарсӣ дар як сол меҳнати шабонарӯзии мутахассисон, муаллифон, муратгибон, муҳаррирон, мусаҳҳеҳон, муқарризон, кормандони ширкатҳои табъу нашр, таъминкунандагон маҳсуб меёбад, то мушкилоти норасоии китобҳои дарсӣ пурра бартараф карда шавад.

Китоби аз чиҳати мазмуну мундариҷа хуб метавонад дар ташаккул ва рушди шахсияти кӯдак нақши муҳим дошта бошад, ӯро ба донишандӯзӣ, ҷустуҷӯ ва андешаронӣ роҳнамоӣ кунад.

Масрур ЗОКИРЗОДА,
муовини директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илм

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бори дигар паёми муҳим ва равшанеро ба мо таъкид месозад, ки оянда Тоҷикистон ба сатҳу сифати дониш, тарбия, касбомӯзӣ ва масъулияти насли ҷавон вобастагии мустақим дорад.

Яке аз нуктаҳои муҳимми суханронии Пешвои миллат ба таҳсилоти томактабӣ бахшида шудааст. Президенти кишвар таъкид намуданд, ки фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ зинаи муҳимтарини омодагии онҳо ба таҳсилоти минбаъда мебошад. Дар ин замина, ба масъалаи зиёд намудани муассисаҳои томактабӣ, беҳтар намудани сифати тарбия ва таъмин намудани кӯдакистонҳо бо кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Дар суханронии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот яке аз самтҳои меҳварӣ буд. Таъкид карда шуд, ки имрӯз танҳо фароҳам овардани ҷойи нишаст, сохтмони муассисаҳои таълимӣ ё таъмин намудани хонандагон бо китобу маводи таълимӣ кофӣ нест. Қадами минбаъда бояд баланд бардоштани сифати дониш ва мутобиқ намудани таълим ба талаботи замони муосир бошад.

Дар ин раванд аҳаммияти рушди маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи усулҳои пешқадами таълиму тарбия, таҳияи дастурҳои таълимӣ, муҷаҳҳаз намудани синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо ва истифодаи технологияҳои муосир махсус таъкид карда шуд.

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки дар ин раванд бе муҳаббат ба касб ба натиҷаи дилхоҳ расидан амри муҳол аст. Омӯзгор бояд ба касби худ завқ дошта бошад, масъулияти худро дар назди ҷомеа дарк кунад. Шогирд имрӯз ба омӯзгори замонавӣ ниёз дорад, омӯзгоре, ки худаш низ меомӯзад ва ҳамқадами замон аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври мушаххас таъкид гардид, такмили китобҳои дарсӣ ва маводи таълим мебошад. Воқеан, дар солҳои охир барои таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Тибқи маълумоти дар суханронӣ ироагардида, аз оғози соли 2025 то имрӯз ба муассисаҳои таълимӣ беш аз 9 миллиону 215 ҳазор нусха китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ дастрас гардида, барои соли таҳсили 2026-2027 раванди нашри 40 номгӯй китоби дарсӣ идома дорад.



Дониш, тарбия ва сулҳ – се рукни асосии бунёди ҷомеа

Сарвари давлат хеле ба маврид таъкид доштанд, ки марҳалаи минбаъда бояд, пеш аз ҳама, ба сифати китобҳои дарсӣ ва мутобиқ намудани муҳтавои онҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ равона шавад.

Ҷаҳони имрӯзро бе технология тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми низоми маориф омода намудани ҷавононе мебошад, ки технологияҳои муосирро ҳамчун василаи донишандӯзӣ, эҷодкорӣ ва рушди касбӣ кор гиранд. Сарвари давлат дар баробари зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ, ба масъалаи истифодаи аз ҳад зиёди шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби кӯдакону наврасон таваҷҷуҳ ва таъкид намуданд, ки масъала дар худи технология нест, балки дар фарҳанги истифодаи он мебошад.

Ҷавонон бояд тавонанд иттилооти зарурироаз иттилооти ғаразнок ва бардурӯғ чудо намоянд, аз таъсири манфии муҳити маҷозӣ эмин бошанд ва интернетро, пеш аз ҳама, барои омӯзиш, рушди малака ва такмили дониш истифода кунанд.

Масъалаи дигаре, ки дар ин суханронӣ ҷойгоҳи муҳим дошт, интихоби дурусти касб маҳсуб меёфт. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ҷомеа ба ҷавонони дорои дипломи расмӣ не, балки ба мутахассисони воқеӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, таҳсил бояд ба ташаккули дониш, малака ва қобилияти амалии инсон равона шавад.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки интихоби касб набояд аз рӯйи тақлид, ҳавову ҳавас ё зоҳирпарастӣ сурат гирад. Ҷавонон бояд қобилият, истеъдод, шавқу рағбат ва талаботи бозори меҳнатро ба назар гиранд. Дар ин замина, самтҳои муосир, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ, амнияти компютерӣ ва зеҳни сунъӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд.

Дониш бе тарбия комил нахоҳад буд. Тарбияи ахлоқӣ аз оила оғоз шуда, дар муассисаи таълимӣ идома меёбад.

Масъалаи мавриди назар пас аз суханронии расмӣ дар суҳбати озоду самимии Пешвои миллат низ хеле ба маврид таъкид гардид. Тарбияи фарзанд танҳо вазифаи мактаб нест. Оила аввалин мактаби инсон аст. Муносибати падару модар ба фарзанд, муҳити хона, муносибат ба китобу дониш, одобу ахлоқ ва масъулиятшиносӣ ба ташаккули шахсияти кӯдак таъсири амиқ мегузорад. Ҳамзамон, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки ба тарбияи фарзанд бояд бо масъулияти баланд муносибат кард, барои ӯ ғизои солим ва муҳити солими равонӣ фароҳам овард, кӯдакро набояд бо зӯрӣ ва тарс тарбия кард.

Дар навбати худ, омӯзгор бояд дар қалби хонанда эҳтиром ба Ватан, қонун, падару модар, арзишҳои миллӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро парвариш намояд.

Дарси сулҳ дар оғози соли таҳсил моро ба як ҳақиқати муҳим бармегардонад: дониш ва сулҳ аз ҳам чудо нахоҳанд буд.

Сулҳу субот муҳитеро фароҳам меорад, ки дар он мактаб бунёд мешавад, кӯдак таҳсил мекунад, донишҷӯ соҳиби касб мегардад, омӯзгор эҷод мекунад ва дар умум, ҷомеа пеш меравад.

Дар суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу ваҳдат ҳамчун омили муҳимтарини пояндагии давлату миллат арзёбӣ ва таъкид гардид, ки тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шахрванди огоҳ мебошад.

Дар умум, агар тамоми нуктаҳои суханронии Пешвои миллатро ба низоми ягона гирд оварем, ба ин хулосаи муҳим мерасем, ки рушди маориф масъулияти муштарак ва ҳамагонӣ мебошад.

Фурӯғ ОДИНАЕВА,
мудири кӯдакистони хусусии «Нури Шамс»-и ноҳияи Сино

Дастовардҳои 35 соли Истиқлоли Тоҷикистон дар маҷаллаи «Ovo diplomatic»-и Эрон ба нашр расид.

ДАСТОВАРД

Истиқлол барои ҳар як миллат бузургтарин дастоварди таърихӣ ва сарчашмаи ҳастии давлатдории миллӣ ба шумор меравад. Барои миллати тоҷик низ соҳибистиқлолӣ саҳифаи тозаеро дар таърихи давлатдорӣ боз намуд. Истиқлол ба мардуми тоҷик имконият дод, ки бо такя ба таъриху фарҳанги бою қадима, забон, анъана ва арзишҳои миллӣ роҳи созандагии хешро мустақилона идома диҳад. Дар ин марҳалаи муҳимми таърихӣ эҳсоси худшиносии миллӣ тақвият ёфта, арҷгузорӣ ба Ватан, давлат ва мероси пурғановати ниёгон ҷойгоҳи бештар пайдо кард.



Роҳ ба сӯйи созандагӣ ва пешрафт

Ҳамагон дар ёд доранд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури вакилони Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи шарифи Тоҷикистон савганд ёд кардаанд: «Агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме, ки як гурезаи тоҷик дар хориҷ ба сар мебарад, ором зиндагӣ нахоҳам кард».

Барои расидан ба ин ҳадафи муқаддас, Роҳбари давлат тавонистанд ҳудуди як миллион гурезаро ба Ватан баргардонанд, даҳҳо ҳазор манзили вайроншударо барқарор созанд, ҳазорон макони ҷамъиятӣ ва нуқтаҳои истифодаи умумӣ, мисли мактабҳо, муассисаҳои таълимиву тиббӣ, пулҳо ва корхонаҳоро эҳё ва барқарор намоянд. Ҳамин тавр, маҳз барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ боис гашт, ки Тоҷикистон ҳамчун давлат аз хатари нобудӣ наҷот ёбад ва тоҷикон ҳамчун миллат аз вартаи маҳвшавӣ раҳоӣ ёбанд. Бо шарофати сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат сулҳу суботи комил таъмин гардида, ваҳдати миллӣ ҳамчун асоси пешрафти давлат таҳким ёфт.

Дар тӯли 35 соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон роҳи пурпечутобу душвори созандагиву ободкориро тай намуда, симои худро ба таври назаррас дигаргун сохт. Бо роҳбарӣ ва ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар саросари кишвар корҳои бузурги бунёдкорӣ роҳандозӣ гардида, шаҳрҳо ва деҳот обод ду зебо шуданд. Роҳҳои нав, иншооти муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ ва фарҳангӣ қомат афрохтанд.

Ин роҳи 35-сола роҳи эҳёи умед, таҳкими ваҳдати миллӣ ва бунёди заминаҳои зиндагии шоиста барои мардум аст. Ҳар як иншооти нав, ҳар як роҳи бунёдшуда ва ҳар як гӯшаи ободшуда гӯё як саҳифа аз таърихи созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлолро бозгӯ мекунад. Аз таҷрибаи давлатҳои рушдкарда бармеояд, ки онҳо дар доираи барномаҳои дарозмуҳлати давлатӣ ҳадафҳо гузоштаанд ва маҳз амалишавии онҳо сабаби асосии тараққӣ кардани давлатҳо шудааст. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои инкишофи минбаъдаи кишвар ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла, таъмини истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро муайян намуд.

Маориф яке аз соҳаҳои асосии рушди ҷамъият ба ҳисоб меравад, ки тақдири рушди ояндаи кишвар ба он вобаста аст. Ин аст, ки ҳамасола Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зимни таҳлилу баррасии бахши иҷтимоӣ ба масъалаи маориф ва илм диққати махсус зоҳир менамоянд.

Дарвоқеъ, рушду нумуи рӯзафзуни ин соҳаро таҳлил намуда, қайд кардан зарур аст, ки сатҳу сифати таълим дар кишвар ба сатҳи байналмилалӣ баробар карда шудааст. Танҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ 4135 бино ва бинои иловагии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 888 ҳазору 531 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст, ки ин рақамҳо аз таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати кишвар ба ин соҳа шаҳодат медиҳанд.

Яке аз рӯйдодҳои таърихӣ ва муҳимми дигари соҳаи маорифи мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» аст. Ин санади муҳим мақоми иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии омӯзгорро дар ҷомеа мустаҳкам намуда, рисолати бузург ва масъулияти ӯро дар тарбияи насли созанда боз ҳам барҷаста месозад. Имрӯз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ мо рӯ ба арзишҳо ва асолати миллии хеш оварда, барои ҳифз, рушд ва эҳёи фарҳанги таърихи ғании худ, анъанаҳои мардумӣ кӯшиш ба харҷ медиҳем.

Чоп ва тақдими осори бузургони миллат, ба монанди асари безаволи академик Бобоҷон Ғафуров – «Тоҷикон» ва «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳар оилаи кишвар далели равшани ин гуфтаҳост.

Озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Шоҳнома-хонӣ» ба як ҳаракати фарогири маърифатӣ табдил ёфта, дар таҳкими худшиносӣ, рушди тафаккури илмӣ, арҷгузорӣ ба фарҳангу тамаддуни миллӣ нақши муассир мегузоранд.

Истиқлоли давлатӣ барои ҳар як миллат рамзи озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва шарафи миллӣ мебошад. Барои мардуми тоҷик соҳибистиқлолӣ дастоварди бузурги таърихӣ буда, имконият фароҳам оварда, ки Тоҷикистон роҳи мустақили рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро интихоб намояд. Аз ин рӯ, қадр кардани истиқлол ва ҳифзи дастовардҳои он вазифаи ҳар як шаҳрванд аст.

Хурсанд ҲАМДАМЗОДА,
муовини ректор оид ба таълими ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ

ДИДГОҲ

Терроризм ва ифротгароӣ – хатар ба амнияти ҷаҳонӣ

Маълум, ки терроризм ва ифротгароӣ аз ҷумлаи зуҳуроти номатлуб ба шумор мераванд. Терроризм аз нуқтаи назари ҳуқуқ, содир шудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари маргро ба миён меорад.

Мо дар раванди зиндагӣ шоҳиди падидаҳои манфии иҷтимоӣ, ки ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро халалдор намуда, ба сулҳу субот ва амнияти давлат халал ворид менамояд, гардидем. Ин тамоюл, бешубҳа, мардуми ватандӯст, бахусус, қишрҳои солимфикру пешоҳанги ҷомеаро, ки осудагиву ваҳдати миллӣ ва суботу амният барояшон азиз аст, бетараф гузошта наметавонад. Ин мушкилиест, ки миёни ҷавонон то андозае маълум буда, ҳалли дурусту оқилона ва саривақтиро тақозо дорад.

Бинобар ин, моро лозим аст, ки ба ҳар як рафтору гуфтор вокеъбинона ва бо андешаи солим нигарему муносибат намоем. Набояд фирефтаи суханҳои беасоси гурӯҳҳои ифротгаро шуд, зеро ин гурӯҳҳо барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ аз тамоми воситаю усулҳо истифода мекунанд. Барои онҳо, махсусан, олудасозии мафкураи наврасону ҷавонон ҳадафи асосӣ мебошад. Имрӯз роҳи ягонаи пешгирии амали ҷавонон аз ифротгароию тундгароӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши динию дунявии онҳост. Аз ин хотир, ҳар як шаҳрванди мамлакат бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва фирефтаи ақидаҳои бебунёди ифротгароӣ нашавад.

Яке аз роҳҳои пешгирии ифротгароӣ усулҳои фаҳмондадиҳист. Метавон гуфт, доир ба ин масъала волидайни хонандагон, ҷавонону наврасон бояд, пеш аз ҳама, бепарво набошанд. Робитаи оила, мактаб ва ҷомеа бояд устувор бошад, аммо нақши асосиро дар ин росто оила мебозад. Агар оила солим бошаду тарбия дар сатҳи хуб ҷараён гирад, фарзандон солим тарбия меёбанд. Падару модар бояд ба фарзанди худ вақт ҷудо намуда, пурсанд, ки фарзандашон бо чӣ кор машғул аст, дар бораи чӣ фикр мекунад, чиро мехонад ва тамошо мекунад. Бояд ба хурдтарин тағйирот дар рафтору гуфтору кирдори фарзандон таваҷҷуҳ кунанд. Агар шахс босавод, ботарбия, дорои ҷаҳонбинии васеъ, огоҳ аз муқаддасот ва арзишҳои имрӯзи ҷомеа бошад, ба гурӯҳҳои ифротиву экстремистӣ ҳеҷ гоҳ пайваст намешавад. Аз ин рӯ, мо, калонсолон - сарварони оилаҳо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро дар руҳияи ватандӯстиву худогоҳӣ тарбия намоем.

Бо мақсади пешгирӣ аз оқибатҳои фаъолшавии гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва хатарҳои он Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид ҷомеаи ҷаҳониро ҳушдор додаанд ва онҳоро ба муттаҳидшавӣ ба муқобили чунин зуҳуроти номатлуб даъват намудаанд. Ҳамзамон, Сарвари давлат ҳамвора



дар суханрониҳои хеш мардумро даъват мекунанд, ки «ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳед», «ватану миллати худро дӯст доред», «ба арзишҳои милливу маънавии худ эҳтиром гузоред». Инчунин, дар муроҷиат ба асолатбохтагону раҳгумзадагон мукарраран таъкид кардаанд, ки «ба Ватану миллат хиёнат накунед, ба умеди хоҷагони хориҷиатон нашавед. Онҳо бо дасти худамон хонаи моро сӯзонда, моро дар миёни оташ гузошта баромада мераванд».

Зикр кардан бамаврид аст, ки яке аз минбарҳои аслии гурӯҳҳои ифротӣ сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ мебошад. Мубаллиғон мавзуъҳои баҳснокро ба муҳокима мегузоранд ва дар охир саъй менамоянд, ки иштирокчиёни баҳсро ба ҷониби худ ҷалб намоянд. Дар ин гуна мавридҳо омили пешгирикунанда ҷавоби сазовор додан ба онҳост. Фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки боз ҳам фаъол будани худро нишон диҳанд ва дар баҳсҳои шабакаҳои иҷтимоӣ на ба ҳайси тамошобинони бетараф, балки ҳамчун ҳомиёни воқеии Ватану миллати худ баромад намоянд ва бо таъсири сухани худ иддаои ифротгароёнро ботил сохта, ҷавононро ба роҳи рости дуруст роҳнамоӣ кунанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, таваҷҷуҳи ширкаткунандагонро ба масъалаи таҳдидҳои ҷаҳони муосир ва зарурати мубориза бо терроризм ҷалб намуда буданд. Пешвои миллат изҳор намуда буданд, ки густариши фаъолияти гурӯҳҳои террористиву ифротгаро дар минтақаҳои бо Тоҷикистон ҳаммарзи Афғонистон мояи нигаронии ҷиддии ҷониби Тоҷикистон мебошад. «Кишвари мо, бинобар мавқеи ҷуғрофии худ дар марзи аввали муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорад», - таъкид карданд Роҳбари давлат. Боят ёдовар шуд, ки ҳадаф ва мақсади гурӯҳҳои террористӣ дар ҷуғрофиёи Афғонистон маҳдуд намешавад.

Аз ин ҳама ба хулосае омадан мумкин аст, ки имрӯз масъалаҳои муҳимеро, мисли терроризму экстремизм як кишвар ё минтақа наметавонад дар танҳоӣ роҳи ҳаллашро пайдо кунад, балки муборизаи муштараки кишварҳо дар доираи созмонҳо метавонад мушкилотро рафъ созад.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Даромади буҷети давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 250 баробар зиёд гардид.

Ҳар кӣ аз парваранда ранҷ надид,
Дар ҷаҳон ҷуз ғаму шиканҷ надид.
Рукниддини Авҳадӣ

МУШКИЛОТ

Тарбияи насли солиму неруманд дар меҳвари фаъолият

(Мусоҳиба бо мутахассиси раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ Амиршоҳ Яқубзода)

- Муҳтарам Амиршоҳ Яқубзода, тавре ки маълум аст, таълими фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ пайваста дар мадди назар ва таваҷҷуҳи Вазорати маориф ва илми кишвар қарор дорад. Дар масъалаи беҳтар гардидани сатҳу сифати машғулиятҳо аз фанҳои мазкур чӣ корҳои назаррас анҷом дода шудааст?

– Воқеан, дар боби дар сатҳи баланд ва созгор ба талаби замон ба роҳ мондани машғулиятҳо аз фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ корҳои зиёде ба анҷом расонда шудааст. Аз ҷумла, дар самти таълими тарбияи ҷисмонӣ қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҷмуи рушди тарбияи ҷисмонӣ барои солҳои 2022-2026» қабул гардидааст. Тибқи нақшаи кории Вазорати маориф ва илми кишвар ҳамасола вазъи таълими машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ мавриди санҷиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ аз рӯйи «Барномаи комплексии тарбияи ҷисмонии хонандагони синфҳои V-XI дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» баргузор мешаванд. Мавзуъҳои таълимӣ ба 2 қисм ҷудо мешаванд: мавзуъҳо барои муассисаҳои таълимие, ки толори варзишӣ надоранд ва муассисаҳои таълимие, ки бо толори варзишӣ таъминанд. Хурсандибахш аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар барои ҳамаи синфҳо (1-11) аз фанни тарбияи ҷисмонӣ китобҳои дарсӣ нашр ва дастрасии муассисаҳои таълимӣ гардонда шуданд. Барои хонандагони синфҳои 10-11 низ китоби дарсии «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» таълиф гардидааст. Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар қиёс бо солҳои пеш дар сатҳи хеле хуб, дар толорҳою майдонҳои варзишии бо лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз гузаронда мешаванд.

– Дар давраи Шуравӣ, маълулан, машғулиятҳои таълимӣ аз фанни ОИҲ ҳам ба таври назариявӣ ва ҳам амалӣ бо истифода аз яроқҳои таълимӣ, гулӯлаҳо ва автомати Калашников (шиносоӣ бо қисмҳои он, кушодану ҷамъ намудани ин қисмҳо) ва ғайра ба таври аёнӣ гузаронида мешуданд. Ҳоло машғулиятҳои амалӣ аз фанни ОИҲ чӣ тавр баргузор мешаванд?

– Бояд таъкид кард, ки вобаста ба ин масъала аз ҷониби Вазорати маориф ва илм васоити аёнӣ ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо аз фанни ОИҲ барои зиёда аз 450 синфхона дастрас гардонда шуда, ин раванд ҳамчунон идома дорад. Ҷиҳати таъмин намудани таълимгоҳҳо бо яроқҳои пневматикӣ ба Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ба таври хаттӣ мурочиат карда шудааст. Дар заминаи ҳамкории густурда бо Ташкилоти мададгори мудофиа барои муассиру судманд баргузор намудани машғулиятҳои таълимии ОИҲ кӯшишҳои зиёд анҷом дода мешаванд. Кормандони ин ташкилот яроқҳои аслиро ба муассисаҳои таълимӣ бурда, вобаста ба мавзуъҳои дарсӣ хонандагонро бо қисмҳои яроқҳои мазкур шинос менамоянд, тарзи ҷудо кардану ҷамъ намудани автомати Калашников ро ба онҳо меомӯзонанд. Дар ин боб бо қисмҳои низомӣ низ ҳамкориҳо ба роҳ монда мешаванд. Баҳри дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ, соли ҷорӣ Вазорати маориф ва илм ба Вазорати мудофиаи кишвар бо мактуб мурочиат намуд. Бо мақсади дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва ҷалб намудани ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи талаботи қисми 15, моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва барномаи «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» ҷамъомадҳои таълимӣ-саҳроӣ бо ҷавонони синнашон то даъвати ҳарбӣ (духтарон дар муассисаҳои табобатӣ) дар лагерҳои солимгардонӣ-варзишӣ-муҳофизатӣ дар охири соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба муддати 6 рӯз (34 соати таълимӣ) гузаронида мешаванд.

Ҳамчунин, аз ҷониби Вазорати маориф ва илм «Дастурамали намунавии вазифавии омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» тасдиқ гардида, дастраси муассисаҳои таълимӣ ва мавриди истифода қарор дода шудааст.

– Чунонки дар боло қайд намудед, ҳамасола аз ҷониби ҳайати кории Вазорати маориф ва илм вазъи таълими фанҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ санҷидаву мавриди таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода мешавад. Солӣ ҷорӣ дар кадом шаҳру ноҳияҳо санҷиш доир шуд ва чӣ мушкилот ошкор гардид?

– Тибқи нақшаи кори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2026 вазъи таълими фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Роғун Шаҳринав, Рӯдакӣ, Файзобод, Нуробод, Тоҷикобод ва Лахш мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Дар рафти санҷиши вазъи таълими фанҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бештар ба ҳолати ҳуҷҷатдорӣ, мавҷудияти қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъминоти кадрӣ, баргузории машқҳои таълимӣ (сарҷамъии ҳарбӣ), таъминот бо китобҳои дарсӣ, маҳфилҳои тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи ватандӯстии хонандагон, ҷиҳозонидани кабинетҳои фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва толору майдончаҳои варзишӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид.

Бояд қайд намуд, ки тибқи фармоиши муштараки вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазири маориф ва илм фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 34 соат таълим дода шуда, машғулиятҳои мазкур пай дар пай, тибқи барномаи таълимии фаннӣ омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар ҳаҷми муқаррагардида бо усулҳои назариявӣ, амалӣ ва комплексиву санҷишӣ гузаронида мешавад.

Санҷиш нишон дод, ки дар аксари раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда ҷузвдонҳои алоҳида вобаста ба иҷрои Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ташкил карда шуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ хуб амалӣ шуда, пайваста мусобиқаҳои гуногуни ҳарбию варзишии футбол волейбол, шашка, шоҳмот, тенниси рӯйи миз ва варзиши сабук байни хонандагон доир менамоянд. Мутаассифона, дар шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Роғун, Нуробод ва Варзоб вобаста ба қарори мазкур мавод гирд оварда нашуда, иҷрои барнома дар ин шаҳру ноҳияҳо беҳбудӣ мехоҳад.



Ҳангоми таҳияи ҷадвали дарсӣ бо мақсади беҳтар аз худ намудани маводи таълим ва роҳ надодан ба хасташавии хонандагон зарур аст, ки дар рӯзҳои ҳафта бо тартиби муайян фанҳои мушкил бо фанҳои осонтар пайи ҳам гузошта шавад. Масалан, барои хонандагони зинаи аввали таҳсилот фанҳои асосиро (математика, забони тоҷикӣ, забони русӣ, забони хориҷӣ, табиатшиносӣ) бо фанҳои суруд ва мусиқӣ, санъат ва меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ гузоштан мувофиқ аст. Дар зинаҳои дуюм ва сеюми таҳсилот бошад, бояд дар ҷадвали дарсҳо гузоштани фанҳои табиӣ-риёзӣ бо фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ба эътибор гирифта шавад. Мутаассифона, на дар ҳамаи муассисаҳои таълимии санҷидашуда талаботи мазкур риоя шудааст.

Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба омӯзгорони ғайриихтисос ва дарси омодагии ибтидоии ҳарбӣ ба омӯзгороне, ки рутбаи ҳарбӣ надоранд, вогузор шудааст, ки ин омил боиси коҳиш ёфтани сифати таълим мегардад.

Ҳуҷҷатнигории омӯзгорони фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ тибқи муқаррароти мавҷуда ба роҳ монда нашудааст. Дар ягон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фармоиши директор оид ба ташкил намудани даста (взвод), гурӯҳ (отделения) ва сардорони онҳо барои синфҳои 10 ва 11, нақшаи ҳарҳафтаинаи тақвимии омӯзиши фаслҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ барои синфҳои 10-11, нақша-конспекти дарс, нақшаи инфиродии роҳбарони ҳарбӣ барои соли хониш, нақшаи солонаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ таҳия нагардидааст.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки директорони таълимгоҳҳо омӯзгорони дорои рутбаи ҳарбидоштаро ба кор қабул намуда, ҷиҳати баргузор намудани чорабиниҳои ватандӯстӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади иҷрои банди 18, моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мактуби дастурии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дар лагерҳои солимгардонии варзишӣ дар охири соли таҳсил баргузор намудани ҷамъомадҳои таълимӣ-саҳроӣ бо хонандагони синфҳои 11 ирсол гардида буд.

Мутаассифона, дар давраи санҷиш аз ҷониби шуъбаи маорифи ноҳияи Файзобод дар ин самт ягон ҳуҷҷат пешниҳод нашуд. Дар шуъбаи маориф ҷузвдони алоҳида ҳаст, вале нақшаи чорбиниҳо вобаста ба барномаи мазкур мавҷуд нест. Илова ба ин, бо мақсади иҷрои Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар раёсату шуъбаҳои маориф ҳисобот ё маълумотнома гирд оварда нашудааст.

Такмили маҳорати касбии омӯзгор тавассути расонидани ёрии методӣ аз салоҳиятҳои асосии шуроҳои методӣ мебошад. Вале на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда кор дар ин самт хуб ба роҳ монда шудааст. Таҳлили фаъолияти хадамоти методӣ дар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда баёнгари он аст, ки дар самти мазкур кори раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ беҳбудиро мехоҳад.

Директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои санҷидашударо зарур аст, ки ҷиҳати солимии хонандагон ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбияи намудани насли наврас пайваста ҷаҳду талош намоянд.

Мусоҳиб
Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»



Қадамҳои устувор ба сӯйи ояндаи дурахшон

Ҷанги шаҳрвандие, ки охири солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст, зарбаи сахте ба соҳибистиқлолии кишвар буд. Мардум сарсону саргардон ва гуруснагию нодорӣ оилаҳоро фаро гирифт. Гурӯҳе ба кишвари Афғонистон фирор карданд.

Вазъи нобасомон хатару фоҷиаҳои вазнинро дар пай дошт. Кишвар дар ҳоли фурӯпошӣ қарор дошт. Ба бахти миллати ҷафодида дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданд. Бо ҷаҳду талошҳои бардавоми фарзанди фидоии миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо пеши роҳи ҷангу хунрезӣ гирифта шуд, балки марҳала ба марҳала сулҳу субот ва ваҳдату якдигарфаҳмӣ дар кишвар пойдор гардида, раванди бунёдкорию ободонӣ вусъат гирифт. Дар як муддати кӯтоҳ тамоми соҳаҳо рушду пешрафт намуда, муассисаҳои нави таълимӣ ва тиббӣ сохта шуда, роҳҳову нақбҳо бунёд гардиданд. Бо иқдоми Сарвари давлат сохтмони НБО-и «Роғун» суръат пайдо карда, ҳазорон километр роҳҳои нақлиётгард сохта шуданд. Дар арсаи байналмилалӣ Президенти кишвар бо ташаббусҳои обу иқлим ва сулҳпарварона баромад карда, ба он ноил шуданд, ки аз ҷониби СММ дар ин замина қатъномаҳои зиёде қабул гарданд.

Бо гузашти 35 сол Тоҷикистони азиз ба яке аз кишварҳои зебо, рушдёфта ва обод табдил ёфт.

Шаҳноза ОЛИМОВА,
омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №48-и ноҳияи Шоҳмансур

Дар шаҳри Токио 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил намуданд.

НАЗАРПУРСӢ

Бо шарофати соҳибистиқлолӣ мо роҳи ояндаи миллат ва рушду такомули давлатдориро мустақилона муайян карда, ба комёбиҳои бузург ноил гардидем. Дар робита ба ин, дар арафаи ҷашни миллии Истиқлоли давлатӣ бо чанд нафар аз кормандони соҳаи маориф суҳбат намудем, ки фишурдаи андешаҳои онҳоро пешниҳоди хонандагон мегардонем.

Истиқлол ба мо чӣ дод?

Раҷаб САИДӢ – омӯзгори таърихи МТМУ №9, шаҳри Вахдат:

– Истиқлоли давлатӣ сабаб гардид, ки Ватани азизи мо шукуфон гардад, зеро мусаллам аст, ҳар давлате, ки дар он сулҳу амонӣ дӯстиву якдигарфаҳмӣ ҳукмфармост, раванди бунёдкориву созандагӣ бештар шуда, аз ҷиҳати сиёсиву иқисодӣ ва фарҳангӣ пеш меравад.

Маҳз ба шарофати корномаи Пешвои миллат мо имрӯз давлати ободу озод ва рӯ ба инкишоф дорем. Акнун ҳифзи Истиқлоли давлатӣ вазифаи ҳар як сокини ватандӯст мебошад.

Хадича МУҲАММАДИЕВА – омӯзгори собиқадор, сокини шаҳри Душанбе:

– Мо бояд аз Истиқлоли давлатиамон ифтихор намоем. Дар баробари ин, набояд фаромӯш кунем, ки ин ҳадияи бебаҳои таърих дар солҳои нахустини ба даст омадан ба хатари бузурге рӯ ба рӯ шуда буд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишвари тозаистиқлоли моро ба вартаи нобудӣ овард. Дар ин лаҳзаҳои ҳассоси тақдирсоз шахсе лозим буд, ки ба фидокорию ҷонбозиҳои бемисл давлату миллатро наҷот диҳад. Ба бахти миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба



сари давлат омаданд ва рисолати таърихиро анҷом доданд.

Дилором АМОНОВА – дотсенти кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон:

– Истиқлол ба мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ инихоб намоем. Ин падидаи нек барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ мебошад. Ин неъмати бебаҳо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, рамзи асолату ҳувият, ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ аст.

Марям САНГОВА – муовини директори МТМУ №92-и ноҳияи Фирдавсӣ:

– Дар давоми 35 соли Истиқлол мо сарфи назар аз мушкилиҳое, ки доштем, тавонистем бо сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳкурсии давлати соҳибихтиёрамонро гузорем. Мо бояд истиқлолу якдилиро мисли гавҳараки чашм эҳтиёт намуда, ба қадраш бирасем. Яъне, бояд ҳамеша барои густариш ва афзудан ба дастовардҳои истиқлол бо эҳсоси гарми ватандӯстию ватандорӣ, дилсӯзию масъулиятшиносӣ ва кору фаъолияти содиқонаю софдилона саъйу кӯшиш намоем.

Омодасоз
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Кафолати амнияти ҷомеа

9 сентябри соли 1991 барои халқи тоҷик огози марҳалаи сифатан нави давлатсозӣ гардид. Ин рӯйдоди таърихӣ имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистон сиёсати дохиливу хориҷии худро мустақилона муайян намуда, заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди давлатро бар асоси манфиатҳои миллӣ ташаккул диҳад.



Таърихи нечандон дури давлатдориамон дар замони соҳибистиқлолӣ шоҳид аст, ки бо ба даст овардани истиқлол баъзе доираҳои тангназари ба истилоҳ «сиёсӣ» кишвари тозаистиқлоли моро ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тела дода, мақсадҳои нопоки худро тавассути хоҷагони хориҷиашон амалӣ намудан мехостанд.

Дар марҳалаи авҷи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки зимоми давлатдорӣ пурра аз даст рафта, тамоми шохаҳои ҳокимият фалаҷ гардида буд, шахсияте ҳамчун сиёсатмадори қавиирода лозим буд, ки ба миллат сулҳ оварад. Хушбахтона, дар лаҳзаи барои миллати тоҷик сарнавиштсоз роҳбари соҳибиродаю ҷасур муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд кишварро аз хатари парокандагӣ наҷот дода, сулҳу ваҳдати миллиро таъмин намоянд.

Амнияти миллӣ, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муқовимат ба зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла, ҷиноятқорӣ, коррупсия, терроризм, ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои муосир аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки устувории Истиқлоли давлатиро таъмин менамоянд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо иҷрои вазифаи хидматӣ набуда, балки масъулияти виҷдонию қарзи ватандорӣ мебошад.

Дар шароити муосир, ки ҷаҳон ба таҳдидҳои нави глобалӣ рӯ ба рӯ гардидааст, таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ боз ҳам ҷойгоҳи махсусро касб менамояд. Риояи меъёрҳои конститутсионӣ, таъмини иҷрои қонунҳо ва пешгирии ҳама гуна амалҳое, ки метавонанд ба рушду пешрафти давлат ва ҷомеа халал расонанд, аз вазифаҳои меҳварии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб меёбанд.

Воқеан, дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз дар ҳамаи соҳаҳо баръало эҳсос мегарданд. Бунёди НБО-ҳо, роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ, рушди инфрасохтори муосир, саноатикунонии босуръат ва болоравии нуфузи байналмилалии кишвар натиҷаи сиёсати созанда ва самараи сулҳу суботи пойдор мебошанд.

Дарки амиқи арзиши истиқлол, эҳтиром ба давлатдорӣ, хидмати содиқона ба Ватан ва иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат бояд дар меҳвари фаъолияти ҳар як шаҳрванди кишвар қарор дошта бошад.

Истиқлол арзишест, ки бо ҷоннисорӣ, хирад ва иҷрои қавии фарзандони миллат ҳифз гардидааст. Аз ин рӯ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини волоияти қонун ва амнияти ҷомеа кафолати пойдории ин неъмати муқаддас мебошанд.

Тоҳир НАЗИРОВ,
омӯзгори физика ва математикаи МТМУ №41-и ноҳияи Муъминобод, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН



ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Дар нимсолаи аввали соли 2026 беш аз 200 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ бо мақсади таҳсил ба Федератсияи Россия ворид шудаанд. Дар ин бора «РИА Новости» бо истинод ба маълумоти Хадамоти федералии омори давлатии Россия (Росстат) хабар додааст.

Тибқи иттилои манбаъ, аз моҳи январ то июни соли 2026 барои таҳсил ба Россия 202 ҳазору 640 шаҳрванди хориҷӣ омадаанд. Аз рӯйи ин нишондиҳанда Қазоқистон бо 47 ҳазору 156 нафар дар ҷойи аввал қарор дорад. Ҳамчунин, аз Чин 42 ҳазору 526 нафар, Ӯзбекистон 26 ҳазору 478 нафар, Тоҷикистон 22 ҳазору 52 нафар ва Қирғизистон 12 ҳазору 775 нафар ба Россия ворид шудаанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, дар маҷмуъ, 415 ҳазор донишҷӯи хориҷӣ таҳсил мекунанд.

Ҳамзамон, дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли 2025 шумораи шаҳрвандони баъзе кишварҳо, ки барои таҳсил ба Россия омадаанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, теъдоди донишҷӯёни Озарбойҷон тақрибан сеяк ҳисса зиёд шуда, ба 9 ҳазору 434 нафар расидааст. Вуруди донишҷӯён аз Бангладеш беш аз 50 дарсад афзоиш ёфта, 1076 нафар ва аз Нигерия тақрибан 50 дарсад зиёд шуда, дар умум, 568 нафарро ташкил додааст.

ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ

Дар радабандии нави QS Best Student Cities, ки муассисаи Quacquarelli Symonds нашр кардааст, шаҳри Сеули Ҷумҳурии Корея мақоми аввалро касб кард. Токио дар ҷойи дуюм қарор гирифт. Лондон, ки ҳашт сол пешсаф буд, ба зинаи сеюм поин рафт.

Ба радабандӣ шаҳрҳое шомил мешаванд, ки аҳолиашон на камтар аз 250 ҳазор нафар аст ва ҳадди ақал ду донишгоҳи онҳо дар феҳристи беҳтарин донишгоҳҳои ҷаҳон аз рӯйи арзёбии QS ҷой доранд.

Ҷойгоҳи шаҳрҳо аз рӯйи шаш меъёр муайян мешавад: нуфузи донишгоҳҳо, таркиби донишҷӯён, ҷолибияти шаҳр, талаботи корфармоён ба хатмкунандагон, дастрасии хароҷоти таҳсилу зиндагӣ ва назари донишҷӯён.

Дар арзёбӣ, аз ҷумла, шумораи донишҷӯёни хориҷӣ, шароити зист, амният, нақлиёт, имкони пайдо кардани кор, маблағи таҳсил ва иҷораи манзил ба назар гирифта мешавад.

ЧИН

Дар соли 2026 дар як қатор минтақаҳои Чин барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва зинаи поёнии таҳсилоти миёна таътили баҳорӣ ва тирамоҳӣ ҷорӣ гардид. Мақомоти маҳаллӣ муҳлат ва тартиби онро муайян мекунанд.

То ин вақт таътили байни фаслҳои таҳсил дар Чин маъмул набуд: хонандагон асосан зимистон, дар рӯзҳои соли нави чинӣ ва тобистон истироҳат мекарданд. Ҳукумати кишвар пешниҳоди ҷорӣ кардани таътили иловагиро ҳанӯз соли 2025 ба миён гузошта буд.

Таътили нав одатан ду-се рӯз давом мекунад.

Мақомот таътили иловагиро, ҳамчунин, ба ислоҳоти соҳаи маориф рабт медиҳанд.

МАЛАЙЗИЯ

Ҳукумати Малайзия барои ҷалби бештари донишҷӯёни хориҷӣ нақшаи даҳсолаи рушди таҳсилоти олиро таҳия мекунад. Дар доираи он қабули ҳуҷҷатҳо осон ва муҳлати баррасии дархостҳо то ду ҳафта кӯтоҳ карда мешавад.

Ба иттилои Forbes Education, ҳоло дар Малайзия тақрибан 170 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ таҳсил мекунанд. Мақомоти кишвар ният доранд, ки то соли 2030 шумораи донишҷӯёни хориҷиро ҳадди ақал ба 250 ҳазор нафар дар як сол расонанд.

Барои зудтар санҷидани ҳуҷҷатҳои таҳсилоти довталабон истифодаи технологияҳои рақамӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, донишгоҳҳо мехоҳанд ба донишҷӯёни хориҷӣ дар масоили манзил, хидматрасонии тиббӣ ва мутобиқшавӣ ёрии бештар расонанд.

Таҳияи
Н. ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»

Соли 2026 дар вилояти Хатлон беш аз 200 муассисаи таълимӣ ба истифода дода мешавад.

ТАВАҶҶУҲ

ОБУНА БА ҲАФТАНОМАИ «ОМӮЗГОР» БАРОИ СОЛИ 2027

Нархи обуна барои як сол бе иловаи хидмати почта – 138 сомонӣ



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта: шаҳри Душанбе 184 сомонию 93 дирам ва дигар шаҳру ноҳияҳо 203 сомонию 24 дирам

Агар хоҳед, ки дар соли 2027 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, қолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

СУРАТҲИСОБИ МО

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

с/х 20202972200817101000

х/м 20402972316264

РМБ 350101626

РМА 010009400

Ба «Омӯзгор»

СОЗАНДАГӢ



Бинои иловагӣ дар назди мактаб

11 сентябри соли 2026 раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Кӯшониён дар назди бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42 бинои иловагиро ба истифода дод.

Мактаби мазкур соли 1948 таъсис ёфта, дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Ориён ҷойгир мебошад. Айни замон дар муассиса 1435 нафар хонанда, аз ҷумла, 780 нафар духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Бинои асосии муассиса дорои 31 синфхона буда, дар он ҳамчунин, Маркази инкишофи барвақтии кӯдакон фаъолият менамояд. Дар марказ дар ду гурӯҳ 60 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Бинои нави таълимии иловагӣ аз 7 синфхона иборат буда, 3 синфхонаи он ҳамчун кабинети фаннӣ пешбинӣ гардидааст ва дар як баст имкони ба таҳсил фаро гирифтани 168 хонандаро дорад.

Сохтмони бинои иловагии таълимӣ бо ташаббуси соҳибкорони маҳаллӣ ва сокинони Ҷамоати деҳоти Ориён тавассути ҳашар анҷом дода шудааст.

НУРОБОД:

иншооти нави таълимӣ ва варзиш

Дар доираи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияҳои минтақаи Рашт дар ноҳияи Нуробод якчанд иншооти таълимӣ ва варзишӣ ба истифода дода шуд.

Дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и деҳаи Навободи Ҷамоати деҳоти Муҷиҳарфи ноҳияи Нуробод бинои иловагии таълимӣ мавриди истифода қарор гирифт. Бинои нави таълимӣ бо саҳми соҳибкорони маҳаллӣ ва шахсони саховатпеша бунёд карда шуда, барои беҳтар намудани шароити таҳсил ва фарогирии бештари хонандагон ба таълим заминаи мусоид фароҳам меорад. Бинои иловагӣ дорои шароити зарурии таълимӣ буда, барои дар ду баст ба таълим фаро гирифтани беш аз 200 хонанда имконият фароҳам меорад.

Инчунин, дар деҳаи Хулозии Ҷамоати деҳоти Муҷиҳарф, деҳаи Дегаии Ҷамоати деҳоти Меҳробод, деҳаи Гардангаи Ҷамоати деҳоти Хумдони ноҳия майдончаи варзишии футбол ва дар деҳаҳои Улфатобод ва Шербегиёни Ҷамоати деҳоти Сафедчашмаи ноҳия толори варзишии гӯштин ба истифода дода шуд.

Таълимгоҳи нав дар Тораканд

Ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Тораканди Ҷамоати деҳоти Навбаҳори ноҳияи Мастчоҳ бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 мавриди истифода қарор гирифт. Бинои нави муассисаи таълимӣ бо дастгирии ташкилоти ҷамъиятии хайриявии «Бунён» ва саҳми сокинони маҳал бунёд гардида, барои 300 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Иншоот дорои шаш синфхона ва ҳуҷраи омӯзгорон буда, бо мизу курсӣ, воситаҳои таълимӣ ва аёниятҳои зарурӣ таъмин мебошад.

Зарурати бунёди бинои нав аз ҳолати садамавии бинои пешинаи муассиса ба миён омада буд. Бинои қаблӣ ҳанӯз солҳои 50-уми асри гузашта бо усули ҳашар сохта шуда, бо гузашти даҳсолаҳо ба талаботи имрӯзаи таълиму тарбия ҷавобгӯ набуд. Дар маросими ифтитоҳи бинои нав раиси ноҳияи Мастчоҳ Аъзам Ализода, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода, муовини раиси вилояти Суғд Файзулло Қосимӣ ва намояндаи ташкилоти ҷамъиятии хайриявии «Бунён» Зайниддин Ҳазруддинов иштирок намуданд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА, «Омӯзгор»

ЗЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1139873, ки онро соли 2023 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур ба Гулямов Муҳаммад додааст, эътибор надорад.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «СОАТ»


Аз чап ба рост:

1. Ҷумҳурӣ дар қитъаи Америко. 3. Ба маънои «ҳеҷ гоҳ». 5. Вазифа, кор, роҳбарӣ. 7. Маҳсули фаъолияти адиб. 8. Муқобилмаънои «нодон». 9. Вақтро муайян мекунад. 11. «Зиндагиро *** ширин намуд» (М. Миршакар). 13. Тахаллуси адабии шоир ва нависандаи тоҷик. 14. Либоси пашминаи дарвешон, хирқаи қаландарон. 15. Нодорӣ, бечорагӣ.

Аз боло ба поён:

1. Порае, ки ба ҷойи даридаи либос ва чизҳои дигар дӯхта ё васл мешавад. 2. Исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ. 3. Чӯбҳои баҳамбаста, ки барои гузаштан аз дарё ба кор бурда мешаванд. 4. Пойтахти давлат дар қитъаи Аврупо. 5. Макони донишу тарбия. 6. Шоири фақиди тоҷик. 9. Муқобилмаънои «гарм». 10. Ҳалқа, гарданбанд. 11. Исми мардонаи тоҷикӣ. 12. Воситаи ороиши занон.

Муратттиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»



Ҷавоби муаммои «Истиқлол» («Омӯзгор», №36, 08.09.2026)

1. Тоҷик. 2. Китоб. 3. Бухоро. 4. Офтоб. 5. Бохтар. 6. Раият. 7. Тоҷикистон. 8. Нишон. 9. Наршахӣ. 10. Иттиҳод. 11. Дастоварда. 12 Дониш. 13. Шаҳритуз. 14. Забон. 15. Нишот. 16. «Тоҷикон». 17. Нусрат. 18. Ташкилот. 19. Тантана. 20. Ахбор. 21. Рустам. 22. Мактаб. 23. Бахт. 24. Тобистон. 25. Низомӣ. 26. Истиқлол. 27. Лоиқ. 28. Қоф. 29. «Фирдавсӣ». 30. «Ирфон». 31. Нома. 32. Аминона. 33. Акбар. 34. Ровӣ. 35. Ифтихор. 36. Рафоқат. 37. Танзим. 38. Мим.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН НОЯБРИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Анвар САФАРЗОДА
Раҳим САИДЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худоди ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44545 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҳ. Ҳомидзода